Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№19 (1426)
Чоршанбе,
8 майи соли 2024

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БЛОГЕРҲОЕ, КИ

## ДАР ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ АНДОЗӢ БЕТАВАҶҶУҲАНД

ШУМОРАИ БЛОГЕРҲО Ё ШАХСОНИ ВОҚЕИЕ, КИ ТАВАССУТИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ БА ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ МАШҒУЛАНД, ДАР ҲОЛИ АФЗОИШ АСТ, АММО...



## 79-СОЛАГИИ ҒАЛАБАИ БУЗУРГ БАР ФАШИЗМ

**Имсол аз анҷоми набардҳои хунини Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки таърих назирашро ёд надорад, 79 сол сипарӣ мешавад. Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳамасола дар кишварамон ҳамчун санаи бузурги таърихӣ таҷлил карда мешавад**




Саҳ.9

## ДАР ИН ШУМОРА:



**ТАҶЛИЛИ РӮЗИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ**
Рӯзи 4 май дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзи кормандони мақомоти андоз таҷлил гардид
Саҳ.3

**ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ БАРОИ СОХТМОНИ ИНШООТИ ИҶТИМОӢ**
Бо мақсади дастгирии субъектҳои соҳибкории сохтмони иншооти иҷтимоӣ дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ карда шудаанд
Саҳ.6

**РАҚАМИКУНОНИИ НИЗОМИ АНДОЗ ВА БЕҲТАР НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ**
Саҳ.8

**КИҲО АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ БЕМАСЪУЛИЯТ ЭЪТИРОФ КАРДА МЕШАВАНД?**
Тибқи муқаррароти Кодекси андоз андозсупорандагоне, ки дар давоми зиёда аз 3 моҳи пайдарпай пешниҳоди ҳисоботи андоз ва (ё) пардохти маблағи андоз ва (ё) қарзи эътирофшудаи андозиро таъмин намекунанд, ба рӯйхати «Андозсупорандаи бемасъулият» дохил карда мешаванд.
Саҳ.9

**МАЪМУРИКУНОНИИ НИЗОМИ СОДАКАРДАШУДАИ АНДОЗБАНДӢ**
Бо мақсади назорат ва минбаъд дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд, тайи солҳои охир дар доираи талаботи Кодекси андоз модулҳои барномаи компютерӣ такмил дода шудааст
Саҳ.10

**РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО: ҲАДАФИ ҶОРӢ НАМУДАНИ ОН**
Тадбирҳои Кумитаи андоз бахри таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо»
Саҳ.13

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ПРЕЗИДЕНТИ БОНКИ АВРУПОИИ ТАҶДИД ВА РУШД ОДИЛ РЕНО-БАССОРО БА ҲУЗУР ПАЗИРУФТАНД



**29 апрел дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд хонум Одил Рено-Бассоро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар вохӯрӣ раванди татбиқи лоиҳаҳои аз ҷониби Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд маблағгузоришаванда дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, хусусан дар таҳкими низоми молиявӣ, рушди бахши хусусӣ, соҳаҳои нақлиёт, энергетика, обтаъминкунии аҳолӣ ва беҳсозии сифати хизматрасониҳои коммуналӣ баррасӣ шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Бонк барои робитаҳои пайваста ва судманд дар давоми 30 соли ҳамкорӣ сипос гуфта, таъкид доштанд, ки «мо сатҳи имрӯзаи ҳамкориамонро бо Бонк баланд арзёбӣ менамоем ва ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои олии рушди кишвар аз он умедвориҳои калон дорем».

Дар робита ба таъсири манфии омилҳои беруна ба баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Тоҷикистон ва дастгирии тобоварии иқтисодиёт ба таҳдиду хатарҳои имрӯза, пеш аз ҳама, ҷалби бештари сармоя ва идомаи раванди ислоҳот зарур шумурда шуд.

Таъкид гардид, ки ҷудо намудани маблағҳои грантию имтиёзнок аз ҷониби шарикони рушд барои дастгирии раванди ислоҳот, буҷети давлатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок, дар маҷмуъ, ба устувории рушди иҷтимоиву иқтисодӣ боис мегардад.

Мусоидат ба пешрафти бахшҳои саноат, кишоварзӣ, истихроҷи маъданҳо, рушди инфрасохтори шаҳрӣ, алалхусус низоми таъминоти оби ошомиданӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, рақамикунонии соҳаҳои мухталифи иқтисод, ҷорӣ намудани технологияҳои «сабз», инчунин маориф ва муҳоҷирати корӣ аз самтҳои дигари ҳамкорӣ номида шуд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо ҳамчунин оид ба дигар мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо гуфтугӯйи судманд анҷом доданд.

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ПРЕЗИДЕНТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ВЛАДИМИР ПУТИН СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ АНҶОМ ДОДАНД

**Рӯзи 3 май суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин баргузор гардид.**

Дар рафти суҳбат масъалаҳои мубрами ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистон ва Русия мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар ин замина масоили ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати корӣ ба таври муфассал муҳокима гардид. Мувофиқа ҳосил шуд, ки ба идораҳои соҳавии ҷонибҳо оид ба бештар фаъол гардонидани кор дар ин самт дастурҳои дахлдор дода шаванд.

Сарони ду давлат ҳамчунин ҳамоҳангии наздики сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсусро ҷиҳати мубориза бо терроризм, экстремизм ва зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва ҳамзамон муҳим будани тақвияти минбаъдаи ҳамкории онҳоро таъкид намуданд.

Президентҳо инчунин оид ба масоили алоҳидаи рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор анҷом доданд.

Ҷонибҳо, дар баробари ин, ҷадвали мулоқотҳои наздики дуҷонибаро ҳамоҳанг намуданд.

Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин аз Пешвои миллат даъват кард, то дар вохӯрии ғайрирасмии сарони кишварҳои ИДМ ва чорабиниҳо ба муносибати Рӯзи Ғалаба, ки дар шаҳри Москва баргузор хоҳад шуд, иштирок намоянд.

Хадамоти матбуоти Президенти Федератсияи Русия аз натиҷаҳои ин суҳбати сарони ду давлат чунин хабар медиҳад:

«Масъалаҳои иштироки муштарак дар чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба Рӯзи Ғалаба дар Москва, ки Эмомалӣ Раҳмон ба он даъват шудаанд, баррасӣ шуд.

Дар фазои корӣ ва созанда доир ба баъзе мавзуъҳои кунунии дуҷониба, аз он ҷумла ҳамкорӣ дар мубориза бо таҳдиди террористӣ, инчунин дар соҳаи муҳоҷират табодули афкор анҷом дода шуд. Дар ин замина тавофуқ ҳосил шуд, ки механизмҳои ҳамкории байни вазорату идораҳои дахлдор такмил дода шавад.

Ҳамчунин изҳори итминон карда шуд, ки талошҳои ахири неруҳои муайян барои ба таври сунъӣ шиддатнок намудани вазъ дар атрофи муҳоҷирони кории ба Русия, аз он ҷумла аз Тоҷикистон воридшаванда, якҷоя пешгирӣ карда мешавад ва онҳо наметавонанд муносибатҳои бародаронаи бо вақт санҷидашудаи мардумони ду давлатро халалдор намоянд».

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН САРВАЗИРИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН ОЛЖАС БЕКТЕНОВРО БА ҲУЗУР ПАЗИРУФТАНД

**30 апрел дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Олжас Бектеновро, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф овард, ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот маҷмуи масоили дӯстӣ ва ҳамкории Тоҷикистон ва Қазоқистон баррасӣ шуд.

“Мояи хушнудӣ аст, ки шарикии стратегии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар тамоми соҳаҳо босуръат густариш меёбад ва мо манфиатдорем, ки заминаи ҳамкории ду давлат минбаъд ҳам мустаҳкам шавад”, – изҳор доштанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат.

Олжас Бектенов дар навбати худ чунин изҳор дошт: “Дар Қазоқистон нақши Шуморо баҳри ташаккул ва рушди муносибатҳои ду давлат баланд арзёбӣ менамоянд. Тоҷикистонро мо шарики боэътимоди стратегӣ ва ҳампаймон медонем, байни мамлакатҳои мо ҳеҷ масъалаи ҳалношуда набуд ва нест, ҳамаи онҳо дар рӯҳияи ҳампаймонӣ ва бародарӣ ҳал мешаванд”.

Ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди ҳамкории давлатҳоро дар соҳаҳои афзалиятноки тиҷоратию иқтисодӣ, бахусус энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт, молиявию бонкӣ, сармоягузорӣ, маориф, фарҳанг ва сайёҳӣ муҳокима карданд.

Таъкид гардид, ки соли гузашта гардиши мол байни давлатҳо ҳудуди як миллиарду яксаду панҷоҳ миллион долларро ташкил дод ва барои боло бурдани ин нишондиҳанда тадбирҳои муштарак андешидан зарур аст.

Зарур дониста шуд, ки дар ин самт иқтидори Комиссияи байниҳукуматии ҳамкории иқтисодӣ бештар истифода шавад ва иҷрои шартномаву қарордодҳои ба маблағи тақрибан се миллиард доллар қаблан басташуда зери назорат бошад.

Ҷалби сармоя ба соҳаҳои барои ҳарду ҷониб судовари саноати сабук ва кӯҳӣ, хӯроквcovorӣ, кимиё, металлургияи ранга, мошинсозӣ, дорусозӣ ва сайёҳӣ муҳим шумурда шуд.

Бо итминони комил изҳор гардид, ки Тоҷикистон ва Қазоқистон метавонанд татбиқи лоиҳаҳои калонҳаҷми саноатиро ба роҳ монанд, ки ба манфиати ҳарду давлат мебошад.

Таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва афзун намудани содироти маҳсулоти ин соҳаи иқтисоди Тоҷикистон ба Қазоқистон аз самтҳои муҳимми ҳамкорӣ дониста шуд.

Ҳамкории давлатҳо дар соҳаи истифода аз захираҳои об ва коммуникатсияҳои нақлиётию транзитӣ намунаи барҷастаи ҳамсоягии неки минтақавӣ номида шуд.

Дар ин замина, ҷонибҳо бо изҳори қаноатмандӣ ба роҳ мондани хатсайрҳои мустақими мусофиркашониро тавассути нақлиёти заминӣ ва дубора оғоз гардидани хатсайрҳои нақлиёти ҳавоиро байни пойтахтҳои ду давлат таъкид намуданд.

Таҳкиму тавсеаи робитаҳо дар соҳаҳои фарҳангиву гуманитарӣ ҷузъи муҳимми муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии ҷонибҳо дониста шуд.

Ҳамчунин ҷадвали мулоқоту музокироти дар пешистодаи дуҷонибаву бисёрҷониба мавриди ибрози назар қарор гирифт.

Ҷонибҳо зимни мулоқот ҳамчунин ҳамкории давлатҳоро дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъона, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Хазинаи наҷоти Арал ва дар қолаби вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ намуданд.

# ТАҲЛИЛИ РӮЗИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

**Рӯзи 4 майи соли 2024 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим, муовинони раис, сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо ва доираи васеи кормандони мақомоти андоз бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.**



Раиси Кумитаи андоз Н. Давлатзода зимни сухани табрикотии худ қайд намуд, ки бо шарофати Истиқлоли давлатӣ, дар партави сиёсати хирадмандона ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар фазои сулҳу осоиштагӣ ва бунёдкорӣ ҷашн гирифта мешавад. Ба ин муносибат, ӯ ҳамаи кормандони мақомоти андози кишварро самимона табрику таҳният гуфт ва барои онҳо саломатӣ, бахту саодат, хуррамию хонаободӣ ва дар фаъолияти ҳаррӯзаашон дастовардҳои назаррасро таманно намуд.

Чуноне қайд гардид, бо тақозои замон дар мақомоти андоз ба равандҳои рақамикунонии соҳа таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Аз ин хотир, имрӯз мақомоти андози Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ дар сатҳи замонавӣ ташкил ва беҳтар кардани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, ҳаддалимкон сода намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби андозсупорандагон, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва дар ин замина афзоиш додани воридоти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ, тадбирҳои судмандро амалӣ намуда истодаанд.

- Имрӯз яке аз ҳадафҳои давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон, - изҳор дошт Нусратулло Давлатзода, - баланд бардоштани нақши соҳибкорӣ ҳамчун самти афзалиятноки таъминкунандаи рушди устувори иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. - Чуноне ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд: "Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд."

Қобили қайд аст, ки Кумитаи андоз низ бо мақсади иҷрои дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат ҷиҳати мусоидат ба рушди соҳибкорӣ пайваста чораҷӯӣ менамояд. Аз он ҷумла, то имрӯз Кумитаи андоз ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон (бо дарнадоштани гурӯҳбандӣ ва муттаҳидсозӣ) зиёда аз 40 намуд хизматрасонии электрониро пешниҳод намудааст. Бо истифода аз чунин хизматрасониҳо кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон метавонанд вазифаю уҳдадориҳои худро шаффоф, бофаврият, дақиқ ва бе сарфи зиёди вақт анҷом диҳанд.

Тадбирҳои андешидашуда дар бораи васеъ намудани истифодаи технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва дар ин замина тақвият бахшидан ба рақамикунонии соҳа ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва ҳамкориҳои судманд бо мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имкон доданд, ки иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2023 ва чор моҳи соли 2024 барзиёд таъмин карда шаванд. Дарвоқеъ, чунин нишондиҳандаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки сиёсати андозу буҷет дар ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, дуруст муайян гардидааст.

- Рушди бемайлони соҳибкорӣ, такмили дониши иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон, таъмини пурра, сифатнок ва барзиёди қисми даромади буҷети давлатӣ тақозо менамояд, ки мо бояд дониши касбии худро пайваста такмил диҳем, тартибҳои замонавии корбариро дар асоси технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ истифода кунем, фаъолияти худро дар асоси қонунгузорӣ ба роҳ монда, ҳангоми иҷрои удадориҳои хизматию мансабиамон ба қонунвайронкуниҳо роҳ надиҳем, - афзуд Н. Давлатзода.

Дар ҷамъомад вобаста ба равандҳое, ки имрӯз дар ҷаҳони муосир идома доранд, аз қабили бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгароӣ динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд ва ҷомеаи ҷаҳониро нигарон кардааст, низ сухан ронада шуд. Зикр карда шуд, ки ин равандҳо мардуми моро низ бетаъсир намегузорад.

Таъкид шуд, ки дар ин робита, сохтору мақомоти дахлдори кишвар дар асоси барнома ва дигар санадҳои қабулнамудаи Созмони Милали Муттаҳид, инчунин меъёрҳои қонунгузорӣ бар зидди таҳдидҳои зикргардида мубориза муташаккилонаро ба роҳ мондаанд ва Тоҷикистон имрӯз ба сифати кишвари пешсаф дар самти мубориза бо терроризму экстремизм эътироф гардида, дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок мубориза мебарад.

Дар ин робита, Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат, ки 9 марти соли 2024 доир гардид, чунин таъкид карданд: «Биёед, ба қадри ин Ватан, ин сарзамини биҳиштосои аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва нону намаки он расем, ба хотири ободии боз ҳам бештари Тоҷикистони азизамон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон муттаҳиду сарҷамъона ва софдилонаву содиқона заҳмат кашем. Нагузорем, ки фарзандони мову шумо, яъне оянда ва баракату саодати минбаъдаи мо василаи дасти дигарон ва боиси бадномии миллати тамаддунсози тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ гарданд».

- Моро зарур аст, ки роҳнамоиҳои Пешвои миллатро сармашқи кори худ қарор дода, ҳамзамон дар ёд дошта бошем, ки танҳо кадрҳои замони нав, яъне мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир метавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, обод созанд, тараққиёти давлатро таъмин намоянд ва ҷомеаро пеш баранд, - таъкид намуд Н. Давлатзода.

Раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода, ҳамчунин қайд кард, ки имрӯз мақомоти андоз ба мутахассисони воқеан соҳибихтисоси соҳаи андоз, дорои ҷаҳонбинии васеъ, соҳибмаърифату донандаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ ниёз дорад. Дар асри XXI пешрафт ва боигарии кишварҳоро, на аз рӯи шумораи аҳолӣ ва захираву сарватҳои табиӣ, балки аз рӯи қобилияти зеҳнӣ, сатҳи маърифату ҷаҳонбинӣ ва огоҳиву дастрасӣ доштани аҳолӣ ба техникаву технологияҳои муосир ва истифодаи самараноки онҳо муайян менамоянд. Аз ин хотир, яке аз вазифаҳои асосии мо тарбияи ҷавонон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ, ҷаҳонбинии васеъ, маърифати мукаммали ҳуқуқӣ, касбияти баланд ва саъю талоши созандаву бунёдкорона барои ободии кишвар ва баланд бардоштани нуфузи Ватани маҳбубамон мебошад.

Чуноне қайд гардид, имрӯз дар назди кормандони мақомоти андоз чун солҳои қаблӣ, вазифаҳои пурмасъулият - иҷрои пурра ва босифати нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат бармеоянд, татбиқи "Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025", таъмини иҷрои муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ истодаанд.

- Мо – кормандони мақомоти мақомоти андоз, - бо итминони комил изҳор дошт Н. Давлатзода, - бо мақсади иҷрои дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятамонро боз ҳам самараноктар ба роҳ мемонем ва дар ҳамаи самтҳои фаъолият ба дастовардҳои нави меҳнатӣ ноил мегардем.

Дар идомаи ҷаласа беш аз 150 нафар кормандӣ соҳаи андоз барои баланд бардоштани дониши ихтисосию малакаи корӣ ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои назаррас бо рутбаҳои аввалин ва навбатӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар интиҳои ҷаласа Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода иштирокдоронро бори дигар ба муносибати иди касбӣ – Рӯзи кормандони мақомоти андоз самимона муборакбод гуфта, ба ҳамаи онҳо тансиҳатӣ, пирӯзию сарбаландӣ ва дар фаъолияти меҳнатиашон муваффақиятҳоро орзу намуд.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

# БЛОГЕРҲОЕ, КИ ДАР ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ АНДОЗӢ БЕТАВАҶҶУҲАНД

**Имрӯз, тавре ба назар мерасад, шумораи блогерҳо ё шахсони воқеие, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, дар ҳоли афзоиш аст, вале баъзе аз онҳо, новобаста аз чораҷӯиҳои мақомоти андоз, то ҳол бе қайди давлатӣ фаъолият доранду аз ҳисоби даромадҳои ба дастовардаи худ ба мақомоти андоз эъломияҳои андозро пешниҳод намекунанд. Ин дар ҳолест, ки бо дарназардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ, харидуфурӯши молҳо, пешниҳоди кору хизматрасониҳо ва тарғибу ташвиқи молу маҳсулот тавассути шабакаҳои интернетӣ имрӯз аз ҷониби шаҳрвандон васеъ ба роҳ монда шудааст.**



Идораи рӯзномаи "Боҷу хироҷ" дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пештар ҳам дар рӯзнома бахшида ба мавзуи блогерон, аз он ҷумла блогерҳои беқайду қарздор мавод нашр карда буд. Инак, боз дар мавзуи блогерҳои беқайд маълумот хоҳем дод.

Бояд гуфт, ки чунин шахсон бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоии "Facebook", "Instagram", "Telegram", "YouTube", "Tik Tok" ва дигар шабакаву сомонаҳои интернетӣ, ҳамзамон бо кушодани домен-суроғаҳо худро ба қайд мегиранду, дар онҳо гурӯҳҳоро ташкил мекунанд ва бо ин тартиб ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, ба воситаи майдони мазкур амалҳои харидуфурӯш, пешниҳоди кору хизматрасониҳо ва тарғибу ташвиқи молҳоро тавассути шабакаи Интернет анҷом медиҳанд.

Ҳоло дар мақомоти андози мамлакат бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб кардани шахсоне, ки бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ намуда истодаанд, хуб ҷараён дорад. Бо мақсади бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани шахсони воқеие, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба фаъолияти блогерӣ машғул мебошанд, феҳрист тартиб дода, бобати гузаштан аз бақайдгирӣ дар мақомоти андоз, ҳамзамон мустақилона ба мақомоти андози маҳалли қайди худ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ва ба ин восита дар назди буҷет иҷро намудани уҳдадории андозӣ, ба суроғаи шахсони воқеӣ огоҳиномаҳо ирсол гардидаанд.

Баъд аз дастрас гардидани огоҳиномаҳо ба субъектҳои дар соҳаи блогерӣ фаъолияткунанда бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию назоратӣ, ба ҳолати 1 майи соли 2024 дар мақомоти андоз 98 адад субъект ҳамчун андозсупоранда, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ ба фаъолияти блогерӣ машғуланд, ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.

Даромади умумии блогерон дар семоҳаи аввали соли 2024, дар маҷмӯъ, 5,2 миллион сомонӣ ва маблағи андози ҳисобшудаи онҳо дар ин давра 489,8 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар Кумитаи андоз изҳор доштанд, ки бо вуҷуди ирсоли огоҳиномаҳо, даъвати онҳо ба мақомоти андоз ва чораҳои дигари андешидашуда, ҳанӯз ҳам шумораи зиёди блогерҳо, новобаста аз татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ, талаботи қонунгузорӣ ва огоҳиномаҳоро ба инобат нагирифта, фаъолияти худро қонунӣ накардаанд. Яъне онҳо то ҳол ба соҳибкории ғайриқонунӣ машғул шуда, аз даромадҳои ба дастовардаашон ба мақомоти андози маҳалли қайди худ эъломия ва ҳисоботи андозро пешниҳод накардаанд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати шахсони воқеиеро, ки шабакаҳои иҷтимоиро манбаи даромади худ қарор дода, аз ҳисоби зиёд намудани шумораи обуначиён, қабули роликҳои таблиғотӣ, иштирок дар саҳнаҳои лаҳзавии видеороликҳо, ташкилу баргузор кардани бозиҳои интерактивӣ (гив), дигар саҳнаҳои ҳаҷвӣ даромад ба даст меоранду вале бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғуланд, пешниҳод кардааст, то онро дар рӯзнома нашр намоем. Шояд чунин нафарон бо дидани номи худ дар рӯзнома масъулият эҳсос кунанд ва барои расмӣ кардани фаъолияти соҳибкориашон ба мақомоти андоз муроҷиат намоянд.

**Рӯйхати блогерҳое, ки ба нишонии онҳо ҷиҳати бақайдгирӣ дар мақомоти андоз огоҳинома пешниҳод шудаасту аммо онҳо муқаррароти огоҳиномаҳои мазкурро нодида гирифта, то ҳол худро дар қайди мақомоти андоз нагузоштаанд. (Ба ҳолати 1 майи соли 2024)**

**БЛОГЕРҲОИ БЕҚАЙД**

| № | Ном ва насаби блогерҳо | Номи саҳифаи расмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ |
|---|---|---|
| 1 | Азиза Мухтарова | azizka.m |
| 2 | Меҳрафруз Неъмонова | mehrafruz_nemonzoda |
| 3 | Синоҷон Соҳибов | sinojon_sohibov |
| 4 | Зафарҷон Алиев | hoji_.zz |
| 5 | Фаридун Сафаров | m_favik.tj |
| 6 | Алиҷон Ташбаев | salom.tv100 |
| 7 | Умед Мадаминов | umed.tajone |
| 8 | Фируз Асоев | 208_fm |
| 9 | Довуд Одинаев | dovood_khan |
| 10 | Рамазон Садуллоев | sadullaev_ramazon |
| 11 | Ҷомӣ Олимов | lerik.tj |
| 12 | Сиёвуш Қурбонов | c.one_tj |
| 13 | Ҷамшед Саъдиев | kmkvine |
| 14 | Юсуф Собиров | iam_sobirov |
| 15 | Ҷовид Абдуллоев | Jovidibarfak, jovidiblack |
| 16 | Шамшод Сулаймонов | shamshod.8 |

Лозим ба зикр аст, ки ҷониби мутахассисони мақомоти андоз ҷиҳати муайян кардани блогерҳои дигари беқайд ва пайдо кардани манбаъҳои андозбандишавандаи онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида истодаанд ва мо аз натиҷаи он дар шумораҳои оянда маълумот хоҳем дод.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

# БА ИФТИХОРИ РӮЗИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

**Ҳамасола дар кишварамон санаи 4 – уми май ҳамчун Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ботантана таҷлил мегардад.**

Мусаллам аст, ки дар марҳалаи нави таърихӣ - даврони Истиқлол зарурати ташкили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш намуд, ки ҳарчи зудтар кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон таҳия карда шаванд. Аз андешаҳои олимону мутахассисони соҳа бармеояд, ки барои таҳияи ин кодексҳо таҷрибаи бойи давлатҳои мутараққӣ истифода шудааст. Ҳамзамон, гурӯҳи мутахассисон ва олимони соҳа бо мақсади омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳои пешрафта дар таҳияи кодексҳои андоз ва гумрук ба давлатҳои Аврупо, Амрико, Куба, Мексика, Канада ва кишварҳои Осиё сафар намудаанд. Ҳамин тавр, дар муддати кӯтоҳ аввалин кодексҳои андоз ва гумруки Тоҷикистони даврони Истиқлол таҳия шуданд. Дар солҳои минбаъда, вобаста ба тақозои замон ва рушду пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ ба Кодекси андоз тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Метавон гуфт, ки низоми андозии ҷумҳурӣ тули солҳои Истиқлол хеле ташаккул ёфт. Аз 1 январи соли 2022 Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шуд. Баробари ин дар ҷумҳурӣ Донишкадаи махсуси андоз ва гумрук, инчунин дар дигар муассисаҳои олӣ факултаҳои алоҳидаи андоз амал мекунанд, ки ин ҳама ба тайёр намудани мутахассисони ҷавони соҳа мусоидат менамоянд.

Умуман, таъкид бояд намуд, ки дар солҳои Истиқлол обрӯю эътибори ҷумҳуриамон дар сатҳи ҷаҳон бо дарназардошти қабули якчанд санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва андоз баланд гардидааст. Ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои такмилу ташаккули низоми андозбандӣ, мӯътадилии вазъи иқтисодию иҷтимоии ватани азизамон кӯмаки калон расониданд. Имрӯз дар ҷомеа барои омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба андоз шароити лозима фароҳам оварда шудааст.

Қобили тазаккур аст, ки системаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҳамчун самараи даврони Истиқлол имкон дод, ки ҳар шахс имкониятҳои фаъолияти соҳибкории худро собитқадамона ва оқилона истифода намояд. Бо мақсади фароҳам овардани фазои озоди рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар тӯли солҳои Истиқлол ба соҳибкорон даҳҳо намуд имтиёзҳои андозӣ дода шуданд. Истифодаи мақсадноку самараноки ин имтиёзҳои андозӣ ба рушди ҳарчи бештари фаъолияти соҳибкорӣ дар кишварамон мусоидат намуданд. Молу маҳсулоти истеҳсолкунандагони ватании мо имрӯз ба аксар кишварҳои хориҷи дуру наздик интиқол меёбанд. Дар як вақт, ба бозори дохилии мо низ молу маҳсулоти ҷаҳонӣ ворид мегарданд, ки ин ҳама ба нафъи иқтисодиёт ва ҳам ғанӣ гардидани буҷети мамлакатамон мебошад.

Дар заминаи рушди иқтисодии мамлакат сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ низ тадриҷан беҳтару хубтар гардида истодааст. Албатта, ин ҳама ба шарофати Истиқлоли давлатӣ ва сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама самтҳои хоҷагии халқи мамлакатамон, аз он ҷумла соҳаҳои иқтисодиёт ва андоз мебошад.

Рӯзи 4 – уми майи соли ҷорӣ дар Раёсати андоз дар вилояти Суғд ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Дар ҷамъомади идона намояндаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, роҳбарият ва кормандони раёсати андози вилоят, НААК, сардорони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят ширкат доштанд. Ба ифтихори Иди касбиашон кормандони соҳаро сардори Раёсати андоз Абдуқаюм Воҳидзода аз номи роҳбарияти Кумитаи андоз ва ҳам мақомоти андози вилоят, муовини раиси вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ аз номи роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят табрик намуданд. Зимни суханрониҳо саҳми назарраси кормандони мақомоти андоз дар таъмини нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ махсусан таъкид гардид.

Сипас, ба кормандони фаъоли раёсати андози вилоят, мақомоти ҳудудии андоз, сардорони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳое, ки нишондиҳандаҳои назаррас доранд, сипосномаҳои раиси вилоят, Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва дигар туҳфаҳои ҷашнӣ супорида шуданд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# ФАРМОИШИ

## РАИСИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*аз 30 апрели соли 2024, №267*

### Доир ба қатъи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда дар шакли электронӣ

**Бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти боби 53 Кодекси андоз ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, халалдор насохтани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва дар шакли электронӣ анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатии қатъи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, мутобиқ ба муқаррароти моддаи 167 Кодекси андоз ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз,**

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Аз 1 майи соли 2024 амали бақайдгирии давлатии қатъи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси дархости электронӣ тавассути "Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда" пас аз иҷрои амалҳои дар банди 2 фармоиши мазкур қайдшуда анҷом дода шавад.

2. Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ҳангоми ҷой доштани яке аз асосҳо ва иҷро гардидани амалҳои зерин дар шакли электронӣ қатъ карда мешаванд:

а) Асосҳо:

- ба итмом расидани мӯҳлати истифодабарии замин (шартномаи иҷораи замин);
- қатъ гардидани ҳуқуқӣ истифодаи замин;
- таҷдиди хоҷагии деҳқонӣ ва надоштани қитъаи замин;
- вафоти роҳбари хоҷагии деҳқонӣ;
- даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи замин ва супоридани замин ба фонди махсус;
- таъйин намудани роҳбари хоҷагии деҳқонӣ ба сифати хизматчии давлатӣ, роҳбари шахси ҳуқуқӣ, таъин шудани роҳбари хоҷагии деҳқонӣ ва ё ҳангоми иваз гардидани роҳбари хоҷагӣ.

б) Амалҳо:

- эъломияҳо (аризаҳои шакли муқарраршуда)-ро аз рӯи андози ягонаи кишоварзӣ ва эъломияи андози иҷтимоии саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонӣ дар давраи фаъолият пурра пешниҳод намуда бошад;
- дигар эъломияҳои андозиро вобаста ба фаъолияти иловагӣ (андози низоми содакардашуда, андози иҷтимоии соҳибкори инфиродӣ ва андоз аз бизнеси бозӣ) дар давраи фаъолият пешниҳод намуда бошад (агар чунин фаъолият мавҷуд бошад);
- дар мавсими фаъолият аз рӯи на кам аз 2 нафар коргари кироякро эъломияи ягона оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро пешниҳод намуда бошад;
- бо мақомоти андоз тибқи тартиби муқарраргардида санади муқоисавӣ оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо тартиб дода бошад;
- аз ҳисоби эъломияҳои андозии пешниҳод намуда ба дигар уҳдадориҳои андозии эътирофшуда қарздор набошад;
- аз ҳисоби татбиқи ҷаримаи маъмурӣ қарздор набошад;
- фарқиятҳои ҷойдоштаро доир ба уҳдадориҳои ба миёномада аз ҳисоби коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба воридоту содироти молҳоро бартараф намуда бошад;

3. Баррасии дархости хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ оид ба қатъи фаъолият пас аз анҷоми амалҳои дар банди 2 фармоиши мазкур пешбинишуда оғоз мегардад.

4. Ҳангоми иҷрои амалҳои дар банди 2 фармоиши мазкур пешбинигардида ба хоҷагии деҳқонӣ СМС - Паёмак бо мазмуни "Раванди қатъи фаъолияти хоҷагии деҳқонии Шумо бо муваффақият анҷом дода шуд" ва ба "Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда" дар давоми 1 рӯзи корӣ дар шакли электронӣ бо тасдиқи муҳри электронии мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ дастрас мегардад.

5. Агар аз ҷониби хоҷагии деҳқонӣ яке аз амалҳои дар банди 2 фармоиши мазкур пешбинишуда иҷро нагардад, дархости онҳо тавассути Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз бо мазмуни "Аз ҷониби Шумо номутобиқатиҳо бартараф карда нашуданд" рад ва дар ин хусус хоҷагии деҳқонӣ дар шакли электронӣ огоҳ карда мешавад. Хоҷагии деҳқонӣ метавонад, баъди ислоҳи камбудиҳо такроран дархости электронӣ ирсол намоянд.

6. Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон дар якҷоягӣ бо шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалҳо ҳуҷҷатҳои ба таври электронӣ пешниҳод намудаи хоҷагии деҳқонӣ фаъолияташон қатъ шударо аз махзани маълумот ба чоп расонида, бо нусхаи аслии шаҳодатнома парвандаҳоро омода намуда, ба бойгонии Кумитаи андоз супоранд.

7. КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" дар якҷоягӣ бо Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон ҷиҳати тавассути модули қатъи фаъолият роҳандозӣ намудани тартиби дар шакли электоронӣ қатъ намудани фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ то 1 майи соли 2024 чораҷӯӣ намоянд.

8. Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ доир ба мӯҳтавои фармоиши мазкур бо иштироки кормандони мақомоти ҳудудии андоз ва аъзоёну роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ пайваста семинар - машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, нусхаи протоколҳоро тибқи тартиби муқарраргардида ба махзани маълумот ворид намоянд.

9. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон фармоиши мазкурро барои ба маълумоти андозсупорандагон расонидан дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намуда, дар Ҳафтаномаи "Боҷу Хироҷ" ба чоп расонад.

10. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ нусхаи фармоиши мазкурро ба сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

11. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А. М. вогузор карда шавад.

**Н. ДАВЛАТЗОДА,**

**Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА АНДОЗБАНДӢ



**Чанде пеш бо соҳибкорон-ронандагони ҶДММ "Сомон такси сайр" ва ҶДММ "Олуча Авто" бо иштироки сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҳабибулло Умаров, намояндагони МДК «Душанбенақлиётхадамотрасон» ва соҳибкорони ин ҷамъиятҳо семинар-машварат баргузор гардид.**

Муовини аввали директори МДК «Душанбенақлиётхадамотрасон» Абдулҳақ Алиев, ба семинар – машварат ҳусни оғоз бахшид.

Баъдан, сармутахассиси Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҳабибулло Умаров баромад кард. Ӯ гуфт, ки мутобиқи нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои соли 2024 ва Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо мақсади пурра ба қайд гирифтани ҳама манбаъҳои мавҷудаи андозбандӣ, хусусан, соҳибкории бидуни қайди давлатӣ фаъолияткунанда ва пешгирии шуғли ғайрирасмӣ ба масъулони сохторҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода шуд, ки дар заминаи он Гурӯҳи корӣ дар ҳайати мутахассисони раёсати андоз, МДК «Душанбенақлиётхадамотрасон» ва Раёсати танзим ва назорати нақлиёт дар шаҳри Душанбе, корбарӣ намуда истодааст.

Номбурда қайд кард, ки тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи ширкатҳо, таҳлили нишондоди махзани маълумоти мақомоти андоз, рафти корҳои назоратии мақомоти андоз дар ҷамъиятҳои хизматрасон, аз шумораи умумии квотаҳои пешбинишуда дар кашонидани мусофирон тавассути нақлиёти дар ҶДММ "Сомон такси сайр" 26 нафар ронанда бе патент, бе ҳуҷҷати расмии соҳибкорӣ, аз ҷониби масъулони ширкат шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуда, бидуни қайди мақомоти андоз фаъолият менамоянд.



Қайд гардид, ки на ҳамаи ширкатҳои ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда уҳдадориҳои худро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро мекунанд. Тибқи таҳлилҳо, 30 нафар соҳибкори бо патент фаъолияткунандае, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ дар ин ҷамъият машғул мебошанд, дар назди буҷет аз ҳисоби сари вақт пардохт накардани маблағҳои патент, дар маҷмуъ, ба маблағи 64321 сомонӣ (ба ҳолати 6 апрели 2024) қарздор мебошанд.

Ӯ гуфт, ки тибқи қарори ҷаласаи корӣ аз 12 апрели соли 2024 роҳбарияти ширкатҳои нақлиётӣ вазифадор шудаанд, ки қабл аз бастани қарордодҳо нусхаи ҳуҷҷатҳои бақайдгирии шахсони воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар мақомоти андоз талаб намуда, ҳамзамон барои таъмини пардохти саривақтии маблағҳои патенти соҳибкорони фаъолияткунанда ва гузариши андозсупорандагон дар заминаи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 марти соли 2022, №151) мусоидат мекунанд ва бо нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ҳамкориро мустаҳкам намоянд.

Ҳамзамон таъкид карда шуд, ки аз 1 августи соли 2023 сар карда, пардохти ҳамаи маблағи андозҳо ба таври нақдӣ манъ гардид ва ба андозсупорандагон имконияти бо истифода аз кортҳои пластикии бонкӣ тариқи ҳамёнҳои электронӣ (замимаҳои мобилии "Амонат мобайл", "Ҳумо онлайн", "ССБ Мобайл", "IBT24", "Имон онлайн", "DC Wallet" (Душанбе Сити Бонк), дигар воситаҳои пардохт) ва POS – терминалҳо амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдии андозҳо фароҳам оварда шуд.

Ёдовар мешавем, ки чунин семинар-машваратҳо ҷиҳати шарҳу тавзеҳи қонунгузорӣ, тартиби пешниҳоди эъломияҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба соҳаи андоз бо соҳибкорон пайваста баргузор мегарданд.

Дар охир миёни андозсупорандагону намояндагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе саволу ҷавоб сурат гирифт.

**Инобат САДИРОВА**

# ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ БАРОИ СОХТМОНИ ИНШООТИ ИҶТИМОӢ

**Бо мақсади дастгирии субъектҳои соҳибкории сохтмони иншооти иҷтимоӣ дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ карда шудаанд. Мавзуъро сармутахассиси Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаландар Аъзамов шарҳ дод.**



Барои сохтмони иншооти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (минбаъд-эҳсонкор) ба мақомоти дахлдори давлатӣ ройгон дода мешаванд, қонунгузории андоз имтиёзҳои андозиро муқаррар намудааст, -гуфт Қ. Аъзамов. -Мутобиқ ба талаботи банди 7 қисми 2 моддаи 251 Кодекси андоз, ройгон супоридани (даст кашидан аз) молҳо ба манфиати давлат, таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона аз андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) озод мебошанд.

Номбурда ҳамчунин қайд кард, ки лоиҳаҳои сохтмони иншооти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби эҳсонкор ба мақомоти дахлдори давлатӣ ройгон дода мешаванд, дар асоси моддаи 275 Кодекси андоз, аз ААИ озод пешбинӣ шудаанд. Барои дар асоси моддаи 275 Кодекси андоз озод шудан аз ААИ лоиҳаҳои иҷтимоӣ бояд тибқи талаботи қисми 1 моддаи 19 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №83 "Дар бораи Тартиби пешбурди феҳристи лоиҳаҳои сармоягузорӣ" ба феҳристи лоиҳаҳо оид ба сохтмони иншооти иҷтимоӣ дохил карда шаванд. Пас аз дохил шудани лоиҳаҳои иҷтимоӣ ба феҳристи лоиҳаҳо оид ба сохтмони иншооти иҷтимоӣ, озод шудан аз ААИ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июли соли 2022, №361 "Дар бораи Тартиби аз ААИ озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда" бо шартҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- хариди мол (кор, хизматрасонӣ) аз ҳисоби маблағҳои лоиҳаҳои иҷтимоӣ анҷом дода шавад;
- мол (кор, хизматрасонӣ) танҳо барои мақсадҳои дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ муқарраргардида харида шавад;
- таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) мутобиқи шартномае амалӣ гардад, ки бевосита бо мақоми ваколатдори дахлдори қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори онҳо ва ё пудратчии (таҳвилгари) асосӣ ҷиҳати амалисозии лоиҳа ба имзо расонида шудааст;
- ариза дар бораи аз ААИ озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои лоиҳаҳои иҷтимоӣ харидашаванда пешниҳод карда мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 193 Кодекси андоз, ба андозсупоранда тарҳи пардохтҳо ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ ва барои иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ дар давраи ҳисоботӣ анҷомдодашуда барои мақсадҳои андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ иҷозат дода мешавад. Маблағи чунин тарҳҳо дар доираи 10 фоизи даромади андозбандишавандаи андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ иҷозат дода мешавад.

Мисол. Шахси ҳуқуқӣ "А" - супорандаи ААИ ба нақша мегирад, ки аз ҳисоби худ мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро сохта, ба мақомоти давлатӣ ройгон супорад. Мутобиқ ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №83 сохтмони мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ба феҳристи лоиҳаҳо оид ба сохтмони иншооти иҷтимоӣ дохил карда шудааст. Шахси ҳуқуқӣ "А" барои анҷоми корҳои сохтмонӣ аз таҳвилгароне, ки супорандаи ААИ мебошанд, маводи сохтмонӣ, аз қабили семент, арматура, дару тиреза ва ғайраро мехарад. Бо дарназар доштани он, ки лоиҳаи мазкур ба феҳристи лоиҳаҳо оид ба сохтмони иншооти иҷтимоӣ дохил карда шудаанд, шахси ҳуқуқии "А" бо додани ариза (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июли соли 2022, №361) дар бораи аз пардохти ААИ озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и молрасонҳои худро аз ААИ озод менамояд. Ба замми ин, шахси ҳуқуқӣ "А" ҳангоми ройгон супоридани мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ба мақомоти давлатӣ аз пардохти ААИ озод шуда, инчунин ҳуқуқ дорад, ки дар давраи ҳисоботӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда аз даромади андозбандишавандаи худ бо мақсади андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ хароҷоти мазкурро дар ҳаҷми 10 фоизи даромади андозбандишаванда тарҳ намояд.

Ба гуфтаи Қ. Аъзамов, мутобиқ ба муқаррароти қисми 5 моддаи 374 Кодекси андоз, супорандаи андози низоми содакардашуда, ба истиснои ААИ ҳангоми воридоти молҳо ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ААИ ғайрирезидент, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешавад, андозсупорандаи ААИ дониста намешавад. Инчунин тибқи талаботи моддаи 376 Кодекси андоз, объекти андозбандии андози низоми содакардашуда даромади умумӣ, аз он ҷумла даромад аз таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), инчунин даромадҳои дигари бадастомада, мебошад. Бинобар ин, ҳангоми ройгон ба мақомоти дахлдори давлатӣ супоридани иншооти иҷтимоӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкории дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда, уҳдадорӣ оид ба пардохти андози низоми содакардашуда ва ААИ ба миён намеояд. Дар сурати тибқи тартиби зикршуда ба феҳристи лоиҳаҳо оид ба сохтмони иншооти иҷтимоӣ ворид карда шудани лоиҳаи иҷтимоие, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкории низоми содакардашудаи андозбандӣ маблағгузоришаванда, чунин субъект метавонад бо ариза дар бораи аз ААИ озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и молрасонҳои худро барои лоиҳаи иҷтимоӣ аз ААИ озод намояд. Инчунин, ҳуқуқ дорад, ки дар 4 давраи ҳисоботӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда аз даромади андозбандишавандаи худ бо мақсади андоз аз даромади андози низоми содакардашуда бо усули даромад тарҳи хароҷот хароҷоти мазкурро тарҳ намояд.

Вобаста ба ин, Кумитаи андоз оид ба татбиқи имтиёзи андозӣ барои сохтмони иншооти иҷтимоӣ, ки ба мақомоти дахлдори давлатӣ ройгон дода мешаванд, аз 26 феврали 2024 мактуби дастурӣ омода намудааст.

Бо дарназардошти тавзеҳоти пешниҳодшуда, вазорату идораҳо ва мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва андозсупорандагонро зарур аст, ки дар татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти иҷтимоӣ, ки ба мақомоти дахлдори давлатӣ ройгон дода мешаванд, талаботи қонунгузориро риоя намоянд.

**П. АКРАМ**

# БАҚАЙДГИРӢ ВА АНДОЗБАНДИИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ

**Мутобиқи маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 апрели соли 2024, дар маҷмуъ, 182266 адад хоҷагии деҳқонӣ (аз он ҷумла, 177689 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ва 4577 адад кооперативи тиҷоратӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шудааст ва дар ин давра ба буҷети давлатӣ ба маблағи 49,9 млн сомонӣ андози ягонаи кишоварзӣ ворид гардидааст.**

Дар 3 моҳи соли 2024 нақшаи андози ягонаи кишоварзӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ба андозаи 115,1 фоиз таъмин гардидааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 6,5 млн сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта воқеан ҷамъоваригардида 4,7 млн сомонӣ зиёд мебошад. Яъне дар ин давра аз 43,4 млн сомонии пешбинишуда ба буҷет 49,9 млн сомонӣ андози ягонаи кишоварзӣ ба буҷет ворид шудааст.

Иҷрои нақшаи андози ягонаи кишоварзӣ дар ВМКБ ба андозаи 115,2 фоиз, вилояти Хатлон 114,7 фоиз, вилояти Суғд 112,9 фоиз, шаҳри Душанбе 142,4 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, ба андозаи 120,6 фоиз таъмин карда шудааст.

Тибқи махзани маълумот, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 маблағҳои ҳисобшудаи андози ягона, дар маҷмуъ, 21,9 млн сомонӣ (аз он ҷумла аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 5,6 млн сомонӣ ва аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда 16,2 млн сомонӣ)-ро ташкил дод.

Бо мақсади сарфаи вақти кории андозсупорандагон кам кардани хароҷоти маъмурӣ дар доираи беҳтар кардани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон тибқи Фармоиши Кумитаи андоз аз 18 январи соли 2023, №35 «Дар бораи ба таври электронӣ ташаккул додани эъломияҳои андозии супорандагони андози ягонаи кишоварзӣ» аз соли 2023 сар карда минбаъд пас аз пешниҳоди аризаи шакли муқарраршуда ба таври автоматӣ дар низоми иттилоотии Кумитаи андоз ташаккул дода ва дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ карда мешаванд.

Тибқи маълумот дар ҷумҳурӣ аз шумораи 4567 адад шахси ҳуқуқии дар шакли кооперативҳои тиҷоратӣ фаъолияткунанда, ба санаи 1 апрели 2024, аз ҷониби 4400 адад ё 96,3 фоиз ва аз шумораи 177684 адад хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда 175985 адад ё 99 фоизи супорандагони андози ягона аризаи шакли муқарраргардида аз рӯи андози ягона таъмин карда шудааст.

Яке аз сарчашмаҳои таъмини иҷрои нақшаи андози ягонаи кишоварзӣ рӯёнидани бақияпулиҳои андоз ба ҳисоб меравад. Тибқи махзани маълумот ба ҳолати 1 прели соли 2024 дар миқёси ҷумҳурӣ маблағи бақияи қарзи андози ягонаи кишоварзӣ 32,1 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли 2024, дар маҷмуъ, 4,1 млн сомонӣ кам гардидааст. Ҳаҷми маблағи бақияи қарзи андози ягонаи кишоварзӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 172,3 ҳазор сомонӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 65 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 7,3 млн сомонӣ, вилояти Хатлон 20,8 млн сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, 3,6 млн сомониро ташкил медиҳад.

Новобаста аз мушкилиҳои ҷойдошта, Кумитаи андоз дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи андози ягона барои соли 2024 пешниҳоди пурраи эъломияҳои ин намуди андоз, баҳисобгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар мақомоти андоз, аз байн бурдани фарқияти байни мақомоти давлатӣ ва бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои иловагӣ андешида истодааст.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

**Мутобиқи маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 дар мақомоти ҳудудии андоз 47027 нафар соҳибкори инфиродӣ аз рӯи патент ва 57385 нафар дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ, дар маҷмӯъ, 72,7 млн сомонӣ (аз он ҷумла, патент 17,4 млн сомонӣ ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус 55,2 млн сомонӣ) маблағи андозҳо ворид гардидааст. Аз ин шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, 4889 адад ва маблағи воридоти андозҳо ба андозаи 3,8 млн сомонӣ зиёд мебошад.**

# РАФТИ БАҚАЙДГИРӢ ВА АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДИИ ДАР АСОСИ ПАТЕНТ ВА ШАҲОДАТНОМА БО ШАРТҲОИ МАХСУС ФАЪОЛИЯТКУНАНДА

Тибқи махзани маълумот, маблағи ҳисобшудаи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда, дар маҷмӯъ, 76,3 млн сомониро ташкил медиҳад ва ҳаҷми маблағи андозҳои ба буҷет воридшуда дар ин давра, дар маҷмӯъ, ба 72,7 млн сомонӣ ё 95,3 фоиз баробар мебошад. Яъне ки тафовути маблағи андозҳои ба буҷет вориднашуда аз ин ҳисоб, дар маҷмӯъ, 3,6 млн сомониро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи рафти ба буҷет ворид намудани маблағи андозҳо, дар маҷмӯъ, дар вилояти Хатлон 93,5%, вилояти Суғд 106,5%, шаҳри Душанбе 95,3%, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 87,8% ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 87,9%-ро ташкил медиҳад.

Лозим ба ёдоварист, ки тибқи талаботи банди 32 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда ҳуқуқ доранд барои амалӣ намудани фаъолият то 2 адад корманди кироягиро дар асоси шартнома ҷалб намоянд. Аммо дар сурати истифодаи корманди кироя, чунин соҳибкорони инфиродӣ уҳдадор мебошанд, ки дар ин хусус доир ба шумораи кормандон ва музди меҳнати ба онҳо пардохтшуда ҳар моҳ ба мақомоти андози маҳалли фаъолияти худ эъломияи андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро пешниҳод кунанд ва пардохти маблағи ҳисобшудаи андозҳои мазкурро ба буҷети давлатӣ таъмин намоянд.

Мутобиқи махзани маълумот, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 дар мақомоти ҳудудии андоз 3266 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда дар фаъолияти худ 6886 нафар коргари кироягиро дар ҳисоботи андозӣ пешниҳод намудаанд, ки музди миёнаи меҳнат ба як соҳибкор 957,5 сомониро ташкил медиҳад, яъне нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи коргарони кироя, дар маҷмӯъ, 2103 адад, музди миёнаи меҳнат 281,2 сомонӣ зиёд мебошад.

### Бақияпулиҳои патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус

Мутобиқи махзани маълумоти барномаи компютерии СМИИА дар ҷумҳурӣ (бе дарназардошти изофпулиҳои андоз) ба ҳолати 1 апрели соли



2024 маблағи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар маҷмӯъ, 91,3 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол, ба андозаи 2,4 млн сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Таҳлил ва муқоисаи махзани маълумот нишон медиҳад, ки аз маблағи умумии қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда (бе дарназардошти изофапулиҳои андоз) ба вилояти Хатлон 19,1 фоиз, вилояти Суғд 19,3 фоиз, шаҳри Душанбе 46,2 фоиз ва ба нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 12,6 фоиз рост меояд.

Чуноне ки қайд шуд, маблағи бақияпулиҳои андози соҳибкорони тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда ба санаи 1 апрели соли 2024 дар ҷумҳурӣ 35,8 млн сомониро (бе дарназардошти изофапулиҳои андоз) ташкил дода ва шумораи қарздорон мутаносибан ба 21516 адад ё худ 37,4 фоизи шумораи умумии соҳибкорони амалкунандаи дар назди буҷет қарздор баробар шудааст. Маблағи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда мутаносибан дар вилояти Хатлон 22 фоиз, вилояти Суғд 17,8 фоиз, ба ноҳияҳои шаҳри Душанбе 43,9 фоиз, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ, 11,6 фоиз, ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4,4 фоизи маблағи умумии бақияи қарзи андозҳои соҳибкорони тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда рост меояд.

Ҳамчунин, тавре таъкид гардид, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 дар ҷумҳурӣ 11401 адад соҳибкори бо патент фаъолияткунанда дар назди буҷет ба маблағи 3,7 млн сомонӣ изофапулиҳои андоз доштаанд ва шумораи соҳибкороне, ки дорои изофапулиҳои андоз мебошанд, дар маҷмӯъ, 591 адад зиёд гардидаасту маблағи изофапулиҳои андоз 176,1 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

### Ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии соҳибкорони ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда

Мутобиқи маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ, ба санаи 25 марти соли 2024 дар мақомоти ҳудудии андоз 22197 нафар шахси воқеӣ барои минбаъд анҷом додани хизматрасонии нақлиётӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ тибқи патент ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ки шумораи чунин соҳибкорон нисбат ба 3 моҳи соли 2023, дар маҷмӯъ, 5614 адад ё 33,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Шумораи соҳибкорони аз рӯи хизматрасонии нақлиётӣ дар асоси патент фаъолияткунанда, дар маҷмӯъ, дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 4604 адад, вилояти Суғд 10546 адад, вилояти Хатлон 3402 адад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 572 адад ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 3073 ададро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, зиёдшавии шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда аз рӯи хизматрасонии нақлиётӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ба 1093 адад ё 31,1 фоиз, вилояти Суғд 10546 адад ё 35,5 фоиз, вилояти Хатлон 3402 адад ё 27,6 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 572 адад ё 84,5 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, ба 3073 адад ё 32,6 фоиз баробар мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, Кумитаи андоз мақомоти ҳудудии андозро вазифадор кардааст, ки онҳо бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти нави қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 марти соли 2022, №151), таъмини гузариши соҳибкорон, беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, аз он ҷумла бақайдгирии пурраи соҳибкорон, сари вақт ва дар ҳаҷми пурра рӯёнидани маблағи андозҳои ҳисобшуда, кам кардани маблағи бақияпулиҳо ва бартараф кардани ҷойдошта чораҳои иловагӣ андешад.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

# ҲАМОИШ БАХШИДА БА РӮЗИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ДАР ВМКБ

**3 майи соли равон дар Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо иштироки муовини Раиси ВМКБ Мусо Мирзозода, сардори Раёсати андоз дар ВМКБ Уқболшо Додхудоев ва кормандони мақомоти андози вилоят бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андоз нишасти идона баргузор шуд. Дар ин хусус, аз Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба мо хабар доданд.**

Сардори раёсати андози вилоят Уқболшо Додхудоев нахуст ҳамаи кормандони мақомоти андози вилоятро ба муносибати иди касбӣ муборакбод гуфта, барояшон тандурустӣ, умри дароз, хонаободию сарбаландӣ ва дар фаъолияти хизматиашон комёбиҳои беназир орзу намуд.

Тавре дар ҷамъомад зикр карда шуд, мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз таҳти роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар, инчунин тавассути заҳматҳои роҳбарияти Кумитаи андоз ва кормандони соҳа ба яке аз ниҳодҳои бонуфузи ҷумҳурӣ табдил ёфтааст.

- Чуноне мушоҳида мешавад, - гуфт У. Додхудоев, - кормандони соҳаи андоз бобати дар амал татбиқ намудани сиёсати бунёдкоронаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста кӯшиш ба харҷ дода, баҳри иҷрои вазифаҳои пурмасъулияту пуршараф оид ба таъмини буҷети давлатӣ ва дар ин замина рушди иқтисодиёти кишвар саҳми арзанда гузошта истодаанд. - Имрӯз ҳар як фарди солимфикри ҷомеа медонад, ки ғановати буҷети давлат аз бисёр ҷиҳат аз андозҳо вобаста аст. Андозҳо аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки барои қаноатманд намудани ниёзҳои иҷтимоӣ ва давлатдорӣ нақши бисёр муҳимро ба уҳда доранд. Зеро тавассути андозҳо давлат сиёсати иқтисодию иҷтимоии худро муназзам месозад.

Тавре аён аст, солҳои охир бо тақозои замон дар мақомоти андоз ба равандҳои рақамикунонии соҳа таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Аз ин рӯ, татбиқи технологияҳои замонавии иттилоотӣ, ки пеш аз ҳама, ба беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, хубтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ, баланд бардоштани масъулияти андозсупоранда дар таъмини риояи қонунгузории андоз, инчунин, халалдор насохтани фаъолияти онҳо, равона карда шудааст, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба шумор меравад.

Сардори Раёсати андоз Уқболшо Додхудоев илова намуд, ки саҳми мақомоти андози ВМКБ бо дастгирии роҳбарияти Кумитаи андоз ва мақомоти ҳокимияти давлатии вилоят дар пешрафти иқтисодиёти вилоят басо калон аст. Пешрафти иқтисодиёти вилоятро метавон дар афзоиши буҷети маҳаллии вилоят арёбӣ кард.

Солҳои охир бо ташаббуси роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати андоз дар ВМКБ, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Дарвоз, Ванҷ Шуғнон, Рушон, Роштқалъа ва Ишкошим бо биноҳои нави маъмурӣ ва бо технологияҳои муосир ва таҷҳизоти нави замонавӣ таъмин карда шудаанд.

Бино ба иттилои манбаъ, оғози сохтмони биноии нави Нозироти андоз дар ноҳияи Мурғоб дар арафаи омодагӣ қарор дорад. Ҳамаи ин омилҳо имкон додаанд, ки фаъолияти нозиротҳои андоз дар саҳти замонавӣ ба роҳ монда шуда, барои кормандон шароити корӣ ва имкониятҳои фаровон, барои назорат ва сари вақт таъмин намудани нишондиҳандаҳо, иҷрои буҷети давлатӣ мусоидат хоҳад кард.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки кормандони мақомоти андози вилоят бо мақсади иҷрои дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, фаъолияти худро самараноктар ба роҳ мемонанд ва дар ҳамаи самтҳои фаъолият ба дастовардҳои нави меҳнатӣ ноил мегарданд.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

# РАҚАМИКУНОНИИ НИЗОМИ АНДОЗ ВА БЕҲТАР НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

**Чанде пеш дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маликзода, муовини сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз Иброҳим Самадзода, сардори шуъбаи шарҳи қонунгузории андози Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андоз Аслиддин Холмирзоев, инчунин судяҳои Суди Олӣ, судяҳои Суди вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҳайати кормандони дастгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар-машварат баргузор шуд.**



Семинар - машваратро муовини Раиси Кумитаи андоз Нарзулло Маликзода оғоз кард ва нахуст ёдрас шуд, ки бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2024, №8251(23-3) бо иштироки кормандони вазорату идораҳо, аз он ҷумла мақомоти судӣ гузаронидани семинар – машваратҳо оид ба муқаррароти қонунгузории андоз, рақамикунонии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз ба нақша гирифта шудааст.

Номбурда дар идомаи суханронӣ мухтасар оид ба муқаррароти Кодекси андоз, хусусиятҳои он ва унсурҳои андоз, аз он ҷумла объекти андозбандӣ, манбаи андоз, меъёри андоз, давраи андоз, тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо ва имтиёзҳои андозӣ, принсипи андоз ва низоми андози Тоҷикистон маълумот дод.

Нарзулло Маликзода қайд намуд, ки Кодекси андоз, ки аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор дорад, пеш аз ҳама, тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар бо роҳи фароҳам овардани фазои муносиби андозбандӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо, махсусан дар соҳаи кишоварзии мамлакат, ҳавасмандгардонӣ ва мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, таъмини воридоти устувори маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ қабул гардидааст. Дар Кодекси андоз имтиёзҳои андозии амалкунанда нигоҳ дошта шуда, дар он барои соҳибкорон ва сармоягузорон як қатор имтиёзу сабукиҳои иловагӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Тибқи муқаррароти Кодекси андози амалкунанда, -таъкид кард Н. Маликзода, - санҷиши сайёри андоз танҳо бо мақсади муайян намудани дурустии ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ барои давраи муайян дар маҳалли фаъолияти андозсупоранда ва дар асоси низоми идоракунии хавф гузаронида мешавад. - Санҷиши сайёри андоз аз рӯи дараҷаи хавфҳо, ки онҳо тибқи низоми идоракунии хавфҳо муайян мегарданд, дар асоси фармоиши мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад.

Сипас, сардори шуъбаи шарҳи қонунгузории андози Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андоз Аслиддин Холмирзоев баромад намуда, доир ба имтиёзҳои андозӣ, сохтор, навгониҳо, сабабҳои муттаҳидсозии андоз аз даромад, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои нақлиёт сухан ронд. Ӯ аз он ҷумла қайд кард, ки меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (андоз аз фоида) барои фаъолияти истеҳсолӣ ба андози имтиёзнок 13 фоиз нигоҳ дошта шуда, барои истихроҷи захираҳои табиӣ ва дигар намуди фаъолият меъёри 18 фоиз, барои ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва ширкатҳои мобилӣ ба андозаи 20 фоиз, яъне аз меъёри амалкунанда 3 фоиз камтар, пешбинӣ карда шудааст.

Инчунин бо мақсади бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ баробар намудани сатҳи андозбандӣ, дар Кодекси андоз меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз ба 15 фоиз паст пешбинӣ карда шуд. Дар баробари ин, аз 1 январи соли 2022 то 1 январи соли 2027 давра ба давра аз 15 то ба 13 фоиз паст намудани меъёри ин намуди андоз пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади таъмини шаффофияти баҳисобгирӣ, аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳисобот нишон додани шумораи воқеии кормандон ва музди миёнаи моҳона, меъёри андози иҷтимоӣ барои суғуртакунандагон аз 25 фоиз ба 20 фоиз паст карда шудааст, - гуфт Аслиддин Холмирзоев. Дар Кодекси андоз меъёрҳои андози даромади шахсони воқеӣ 8 ва 13 фоиз бо меъёри 12 фоиз иваз карда шуда, тарҳи шахсӣ (маблағи аз андозбандӣ озод) ба ҷои як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҳаҷми ду нишондиҳанда пешбинӣ гардидааст.

Дар идомаи семинар – машварат Нарзулло Маликзода хотирнишон сохт, ки яке аз механизмҳои асосии танзимкунандае, ки мақомоти андоз барои андозсупорандагон муҳайё намудааст, сомонаи расмии Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ба шумор меравад, ки пайваста дар шакли нав тарҳрезӣ гардида, истифодаи он бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст. Дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҳамаи намудҳои хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз, ки ба шаҳрвандон, андозсупорандагон ва идораҳои давлатӣ дар шакли электронӣ пешниҳод мегардад, ҷойгир карда шудааст.

Зикр гардид, ки аз ҷониби Кумитаи андоз шакл ва номгӯйи хизматрасониҳои электронӣ давра ба давра васеъ ва такмил дода мешавад. Аз он ҷумла бо мақсади боз ҳам содаю дастрас намудан ва ба низом даровардани хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ, муттаҳид ва гурӯҳбандӣ намудани хизматрасониҳо ба ҳам шабеҳ (барои шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28 марти соли 2024, №201 “Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ” қабул гардидааст, ки тибқи замимаи он номгӯйи хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ тасдиқ гардидааст.

Номбурда ҳамчунин таъкид кард, ки бо мақсади беҳтар намудани муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон, тибқи фармоиши Кумитаи андоз (аз 24 августи соли 2023, №406 ва аз 24 ноябри соли 2023, № 651) хизматрасониҳои нави электронӣ роҳандозӣ карда шуд, ки тавассути он қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродии табқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар шакли электронӣ анҷом дода мешавад.

Инчунин ҷиҳати ташкили табодули маълумот аз 1 декабри соли 2023 сар карда модули хизматрасонии “Идораҳои давлатӣ” мавриди истифода қарор дорад, шуд, ки бо истифода аз он минбаъд вазорату идораҳо тибқи созишномаҳои ҳамкорӣ имкон доранд бе мурофиат ба мақомоти андоз оид ба масъалаҳои андозбандӣ ва бақайдгирии давлатӣ маълумотро дар шакли электронӣ дастрас намоянд. Алҳол, бо истифода аз хизматрасонии мазкур амалҳои нотариалӣ оид ба хариду фурӯш ва дигар шаклҳои бегонакунии объектҳои ғайриманқули шахсони воқеӣ ва дастрас намудани маълумот оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ (мавҷуд будан ё набудани қарзи андозҳо) бе ташриф овардани шаҳрвандон ба мақомоти андоз, дар шакли электронӣ анҷом дода шуда истодааст.

Бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ташкил намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуда, шумораи субъектҳое, ки ҳисоботу эъломияҳои андозро дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд, давра ба давра зиёд гардида истодааст. Ба ҳолати 1 апрели соли 2024 зиёда аз 188 ҳазор субъект эъломияҳои андозиро бо истифода аз хизматрасонии “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” тариқи электронӣ пешниҳод намуда истодаанд.

Дар фарҷом, дар доираи мавзуъҳои баррасигардида, аз ҷониби иштирокдорон саволу дархостҳо пешниҳод гардиданд, ки мутахассисони соҳаи андоз ба онҳо посухҳои мушаххас доданд.

**Ҷовиди СУФӢ**

# 79-СОЛАГИИ ҒАЛАБАИ БУЗУРГ БАР ФАШИЗМ

**Имсол аз анҷоми набардҳои хунини Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки таърих назирашро ёд надорад, 79 сол сипарӣ мешавад. Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳамасола дар кишварамон ҳамчун санаи бузурги таърихӣ таҷлил карда мешавад.**

Имрӯзҳо масъалаи ҳифзи хотираи таърихӣ беш аз ҳарвақта муҳимтар аст. Гум кардани қимати онро роҳи аз даст додани ахлоқу маънавиёт дар давлатдорӣ ҳисобидан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар ҳоли ҳозир, дар шароити иттилоотӣ ва муборизаҳои ифротӣ аз аксари ҷомеаи мо талабот ба тақвият ва ҳимояи он бояд ба миён гузошта шавад.

Ба ҷуз ҳифзи хотираи таърихӣ ба хотири ояндаи дурахшон рисолати олие нест. Хотираи онҳое, ки дар мубориза барои озодӣ ва истиқлоли Ватан, барои озод кардани сайёра аз фашизм хотираи қурбониёни он муборизон барои халқи мо азиз аст ва эҳтиром ба он ҷузъи ғояи миллӣ чизи дигаре нест.

Дар тӯли таърих халқи мо озмоишҳои азимро аз сар гузаронидааст. Аммо Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар миқёси худ, харобӣ ва талафоти одамон дар тамоми таърихи давлати мо ҳамто надошт. Мо таърихро ба ёд меорем ва хотираи онҳоеро, ки барои фароҳам овардани ҷаҳони ором ба мо ҳалок шуданд ва аз онҳо барои осмони равшану дунёи осоишта миннатдорем.

Аз солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон қадршиносӣ ва пос доштани собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ имтиёзҳои назаррасеро дар самти дастгирӣ ва қадршиносӣ аз корнамоиҳои ин абармардони роҳи озодӣ Ҳукумати мамлакат зери назари махсуси худ қарор додааст. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба собиқадорони Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ ва аҳибгоҳ ғамхориҳои хос зоҳир намуда, онҳоро мудом тахти сарпарастии доимӣ ва имтиёзҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор медиҳанд.

Сарфи назар аз вазъи нисбатан мураккаби ҷаҳон, дар Душанбе ва дигар шаҳрҳои Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо баргузор мегарданд: конфронсҳо, мизҳои мудаввар бахшида ба нақши Тоҷикистон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва чорабиниҳои дигар вобаста ба ин санаи таърихӣ — инро эҳтиром ба таърих номидан мумкин аст.

Мо имрӯз ба ёди онҳое, ки барои пирӯзии некӣ бар бадӣ ва хушбахтиву оромии аҳли башар ҷони худро нисор кардаанд, сари таъзим фуруд меорем. Дар таърихи башарият санаҳое ҳастанд, ки бо гузашти солҳо аҳамият ва ҷойгоҳи онҳо дар сарнавишти инсоният боз ҳам бештар аён мегардад. Рӯзи Ғалаба бар фашизм дар радифи чунин санаҳои фаромӯшнашавандаи таърихӣ мақоми махсус дорад. Зеро дар он солҳои мудҳиш низоми фашистӣ ба озодиву истиқлолияти аксари давлатҳо ва халқҳои ҷаҳон хатари ҷиддӣ эҷод карда буд.

Маҳз дар натиҷаи муборизаи муштараку қотеонаи халқҳои гуногуни олам оташи он ҷанги даҳшатнок хомӯш, озодии мардуми сайёра таъмин ва вабои фоҷиабори фашизм бартараф карда шуд. Ин пирӯзӣ натиҷаи дӯстиву муборизаи якҷояи халқҳо бар зидди хатари мудҳиш – фашизми гитлерӣ ва намунаи олии фидокории фарзандони миллатҳои гуногун барои таъмин намудани сулҳу озодӣ мебошад.

Воқеан, боиси ифтихори мост, ки Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози ҷанг дар баробарӣ фиристодани зиёда аз 300 ҳазор далеру шуҷоъ ба фронт, инчунин бо таъмин намудани артиши Шӯравӣ ба либосу хӯрокворӣ барои пирӯз омадан дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақши ногусастание гузоштааст. Ногуфта намонад, ки ғалабаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ на танҳо ба ҷумҳуриҳои иттиҳод балки барои тамоми сокинони сайёра бисёр судманд ба ҳисоб меравад. Зеро дар он замоне, ки фашизм дар ҳоли пешрафт буд, тамоми миллатҳои сайёраро хатари аз даст додани истиқлолияти сиёсӣ таҳдид мекард. Яъне Иттиҳоди Шӯравӣ бо ғалаба бар фашизм на танҳо марзу буми худро аз душман ҳифз намуд, балки дигар сокинони сайёраро низ аз гирифторӣ ба гирдоби фашизм эмин нигоҳ дошт.

Ҷашн гирифтани Рӯзи Ғалаба, махсусан, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, садоқат ба давлату миллати хеш ва далериву ҷавонмардӣ, бузург кардани насли ҷавону наврас нақши бузург дорад. Инчунин, пос доштани номи онҳое, ки ба хотири рӯзгори орому осудаи мо ҷонбозӣ намудаанд, қарзи виҷдонии ҳар яки мост.

Вобаста ба ҳамин масъала, Сарвари давлат чунин изҳори ақида намудаанд: «9 май рӯзи шодиву нишот ва санаи ёдбуди онҳоест, ки барои озодии халқҳо ҷони худро нисор кардаанд. Ҷашн гирифтани Рӯзи ғалаба ва эҳтиром гузоштан ба фарзандони содиқи халқи тоҷик вазифаи муқаддаси ҳар яки мо ва наслҳои оянда буда, омили муҳимтарини тарбияи насли ҷавони мамлакат дар рӯҳияи ватандӯстиву ватандорӣ, шуҷоату мардонагӣ ва ҷасоратту далерӣ мебошад».

Яъне истиқболи арзандаи Рӯзи Ғалаба-рӯзи пирӯзии сулҳу дӯстӣ, оромиву нишот ва инсоният бар ҷангу душманӣ, ваҳшату хунрезӣ ва кибру хусумат аз ҳар лиҳоз хеле муҳим мебошад.

Дар охири асри бистум ва ибтидои садсолаи бисту якум таҳдиду хатарҳои нав, ба мисли терроризму ифротгароӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои вазнини он, инчунин паҳншавии ҳар гуна бемориҳои хатарноки сироятӣ амнияти давлатҳо ва халқҳоро халалдор намуда, мардуми сайёра, аз он ҷумла сокинони кишвари моро ба нигаронии ҷиддӣ дучор сохтаанд.

Дар чунин шароит сабақҳои талхи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта ҳар яки моро ҳушдор медиҳад, ки барои ҳифзи сулҳи пойдор, суботу оромӣ ва зиндагии осудаи шаҳрвандони мамлакат ҳамеша ҳушёру омода бошем.

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Ғалаба ба аҳли башар бори дигар собит месозад, ки мустаҳкам намудани дӯстиву ҳамкорӣ ва робитаҳои неку созандаи халқу давлатҳои гуногун омили асосии таъмин намудани сулҳу суботи сайёра, рушди давлату халқҳои ҷаҳон ва рӯзгори орому осудаи мардуми олам буда, инсоният танҳо бо саъю талоши муштарак метавонад бар зидди ҳама гуна неруҳои бадхоҳ истодагарӣ намояд.

Тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро бо Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ табрик гуфта, ба онҳо саломатӣ, рӯзгори осуда ва дар корҳои ҳамарӯзаашон пешравиҳои назаррасро орзу дорем.

*"Боҷу хироҷ"*

# КИҲО АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ БЕМАСЪУЛИЯТ ЭЪТИРОФ КАРДА МЕШАВАНД?

**Тибқи муқаррароти қисми 5 моддаи 34 Кодекси андоз андозсупоранда дар ҳолатҳои дар давоми зиёда аз 3 моҳи пай дар пай пешниҳоди ҳисоботи андоз ва (ё) пардохти маблағи андоз ва (ё) қарзи эътирофшудаи андозиро таъмин накунад ва ё бе амалан анҷом додани амалиёт ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намояд ва амалҳои (беамалии) дигарро анҷом дода бошад, ки номгӯйи онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор дар соҳаи дастгирии соҳибкорӣ муқаррар карда мешавад, ба рӯйхати "Андозсупорандаи бемасъулият" дохил карда мешавад.**

Бо мақсади таъмини иҷрои муқарраpоти мазкур, бо фармоишҳои Раиси Кумитаи андоз аз 4 январи соли 2022, №1-ф номгӯйи амалҳои (беамалии) анҷомдодаи дигаре, ки барои эътироф намудани андозсупорандагон ба сифати андозсупорандаи бемасъулият асос мебошанд ва аз 29 июли соли 2020, №360 тартиби ба рӯйхати "Андозсупорандаи бемасъулият" дохил ва хориҷ намудани субъектҳои хоҷагидор тасдиқ карда шудааст.

Мутобиқ ба талаботи қисми 5 моддаи 34 Кодекси андоз дар номгӯйи мазкур (аз 4 январи соли 2022, №1-ф) якчанд критерияҳои иловагӣ пешбинӣ карда шудааст, аз он ҷумла:

- тибқи тартиби муқарраргардида дар муҳлати зиёда аз 6 моҳ риоя нагардидани талаботи қонунгузории муҳосибӣ дар самти пешбурди даромадҳо ва хароҷот;
- ҳангоми аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, филиал намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродӣ воқеан истифода нагардидани суроғаи расмии ҳуқуқӣ ё пешниҳод карда нашудани маълумот оид ба иваз кардани суроғаи расмӣ;
- дар муҳлати зиёда аз се моҳ дар мақомоти андоз ба баҳисобгирӣ (ба қайди андозӣ) нагузоштани андозсупоранда дар маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ва (ё) объекте, ки ба андозбандӣ алоқаманд аст;
- баъди ба расмият даровардани аҳдҳо дар бораи гузариши ҳисса (хариду фурӯш, ҳадя ва дигар амалҳо) дар сармояи шарикона ё оинномавии шахси ҳуқуқӣ, огоҳ накардани мақомоти андоз дар муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи бақайдгирии давлатӣ оид ба анҷоми чунин расмиёт, ки боиси иҷро карда нашудани ӯҳдадории андоз мегарданд;
- ҷой доштани ҳолатҳои баъд аз анҷом додани пардохтҳои транзитии бонкӣ, нақдӣ намудани маблағҳои ба суратҳисоби бонкӣ воридгардида барои миёнаравҳо ва ё ба суратҳисоби бонкии дигар шахси ҳуқуқӣ дар як амалиёт (ё фосилаи ками вақт) гузаронидани маблағ, ки чунин ҳолат боиси пинҳонкунии даромад ва саркашӣ аз андозбандӣ гардидааст;
- дар давра (моҳ)-и ҳисоботии ду ё зиёда аз он бе ҳуҷҷатҳои асоснок дар муҳосиботи корхона ва махзани электронӣ ба қайд нагирифта, дар анбори корхона нигоҳ доштан ва ба фурӯш баровардани мол, ки боиси пардохт нашудани андозҳои муқарраргардида гардидааст;
- дар ҳисоботи муҳосибӣ ва махзани электронӣ дар муҳлати зиёда аз як моҳ ҳамчун бақияи мол нигоҳ доштани молҳои харидшуда (аз он ҷумла воридотӣ), дар сурате, ки чунин молҳо фурӯхта шудаанд ва онҳо дар асл дар махзан мавҷуд нестанд, ки чунин ҳолат боиси дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон дода нашудани даромад ва амалиётҳои андозбандӣ мегардад;
- бе асос риоя накардани талаби қонунии мақомоти андоз оид ба тасдиқи санади муқоисавӣ вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти моддаи 146 Кодекси андоз.

Тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз ба санаи 1 апрели соли 2024 дар рӯйхати "Андозсупорандаи бемасъулият" 990 адад субъекти хоҷагидор қарор доранд.

Мутобиқ ба муқаррароти қисми 4 моддаи 34 Кодекси андоз номи андозсупорандаи бемасъулият пас аз ислоҳи қонунвайронкунӣ ва (ё) пешниҳод шудани далелҳои асоснок аз рӯйхати мазкур хориҷ карда мешавад. Бинобар ин, субъектҳои хоҷагидор ӯҳдадор мебошанд, ки ҷиҳати дар доираи талаботи қонунгузорӣ таъмин намудани иҷрои ӯҳдадориҳои андозии худ, пардохт кардани маблағи бақияи қарзи андозҳо ва рафъи дигар камбудиҳои дар фаъолияташон ҷойдошта чораҷӯӣ намоянд.

**Раҳмиддин РАҶАБОВ,**
**сардори шуъбаи Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАЪМУРИКУНОНИИ НИЗОМИ СОДАКАРДАШУДАИ АНДОЗБАНДӢ



**Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади назорат ва минбаъд дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд, тайи солҳои охир дар доираи талаботи Кодекси андоз модулҳои барномавии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз такмил дода шуда, ҷиҳати беҳтар ба роҳ мондани ин самти фаъолият як қатор мактубҳои дастурӣ ва фармоишҳо қабул карда шуданд.**

Мутобқи муқаррароти моддаҳои 90-92 Кодекси андоз, ҳамаи андозсупорандагон аз он ҷумла, субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда уҳдадоранд, ки баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷоти худро бо усули хазинавӣ дар асоси маълумоти бо ҳуҷҷатҳо тасдиқшуда ба роҳ монанд.

Ҳамзамон, қисми 3 моддаи 377 Кодекси андоз субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда фаъолияткунандаро уҳдадор менамояд, барои мақсадҳои муайян намудани манбаи андоз баҳисобгирии муҳосибии аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия муқарраршударо дар фаъолияти худ истифода намоянд.

Бо ин мақсад, Тартиби истифодабарии низоми содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ барои андозсупорандагоне, ки низоми андозбандии содакардашударо истифода мекунанд, бо фармоиши Вазири молия аз 3 майи соли 2023, №45 тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлия аз 1 июли 2023, №1236 ба қайд гирифта шудааст.

Тартиби мазкур усули содакардашудаи баҳисобгирии даромадҳои субъектҳои низоми содакардашудаи андозбандиро муайян ва барои мақсадҳои ҳисоб намудани манбаи андозбандӣ пешбурди Китоби бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурдро муқаррар менамояд.

Ҳамзамон, ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, огоҳии бештари онҳо доир ба муҳимияту аҳамияти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хариди мол, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва Китоби бақайдгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон, дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Ҳисор, Турсунзода, Рӯдакӣ, Варзоб ва Шаҳринав бо кормандони мақомоти ҳудудии андоз ва субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда семинар - машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор намуда ин раванд идома дорад.

Тибқи маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, ба ҳолати 1 апрели 2024 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда бақайдгирифташуда 51568 адад (аз он ҷумла 16544 адад шахси ҳуқуқӣ ва 35024 нафар соҳибкори инфиродӣ)-ро ташкил медиҳанд, ки дар ин давра аз ҳисоби субъектҳои мазкур 144,1 млн сомонӣ андози низоми содакардашуда ба буҷет ворид гардидааст.

Мутобиқи маълумот, дар 3 моҳи соли 2024 иҷрои нишондиҳандаи нақшаи андози мазкур дар сатҳи ҷумҳурӣ ба андозаи 108,6 фоиз таъмин гардид. Яъне аз 132,7 млн сомонии нишондиҳандаи пешбинишуда ба буҷет 144,1 млн сомонӣ андози низоми содакардашуда ворид шудааст, ки нисбат ба нақшаи 11,4 млн сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта маблағҳои воқеан ҷамъоваригардида 19,9 млн сомонӣ бештар мебошад.

Нишондиҳандаи пешбинишуда дар вилояти Хатлон ба андозаи 112,7 фоиз, вилояти Суғд 106,1 фоиз, шаҳри Душанбе 107,4 фоиз, ВМКБ 128,4 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, 108,4 фоиз таъмин гардидааст.

Пешниҳоди эъломияҳои андоз аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда низ ба талабот ҷавобгӯ набуда, на ҳамаи эъломияҳои андоз аз ҷониби субъектҳои мазкур сари вақт ба мақомоти андоз пешниҳод гардида истодааст.

Тибқи махзани маълумот, аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқии дар низоми содакардашуда амалкунанда дар семоҳаи чоруми соли 2023 (бе дарназардошти субъектҳои бефаъолият) ба санаи 1 апрели соли 2024 аз ҷониби 10980 нафар ё 92,9 фоизи онҳо эъломияҳои андози низоми содакардашуда пешниҳод карда шудааст. Аммо, шумораи шахсони ҳуқуқие, ки эъломияҳои андози мазкурро пешниҳод накардаанд, дар ин давра, дар маҷмуъ, 815 адад ё 6,9 фоизро ташкил медиҳад.

Мутобиқи махзани маълумот, маблағҳои ҳисобшудаи андози низоми содакардашуда дар 3 моҳи соли 2024 дар миқёси ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, 131,5 млн сомониро ташкил мекунад, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 дар ҳаҷми 21,1 млн сомонӣ ё худ 119,1 фоиз зиёд мебошад.

Маблағи ҳисобшудаи андози низоми содакардашуда дар 3 моҳи аввали соли 2024 аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, 67,7 млн сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 мутаносибан 13, млн сомонӣ зиёд аст. Вале маблағи ҳисобшудаи андози низоми содакардашуда аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ дар маҷмуъ, 63,8 млн сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023, 8,1 млн сомонӣ бештар мебошад.

Яке аз сарчашмаҳои воридоти иловагӣ ба буҷет ва таъмини сифатнокии нақшаи андози низоми содакардашуда ворид намудани маблағи андоз аз ҳисоби бақияпулиҳои андози мазкур ба шумор меравад. Дар асоси махзани маълумот, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 дар ҷумҳурӣ маблағи бақияи қарзи андози низоми содакардашуда 35,1 млн сомониро ташкил медиҳад, ки он нисбат ба ҳолати 1 январи соли 2024, дар маҷмуъ, ба маблағи 2,9 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Маблағи бақияи қарзи андози низоми содакардашуда ба ҳолати 1 апрели соли 2024 ба шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, дар умум 78,5 ҳазор сомонӣ, ба вилояти Хатлон 14,6 млн сомонӣ, ба вилояти Суғд 5,1 млн сомонӣ, ба шаҳри Душанбе 10,4 млн сомонӣ ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 4,8 млн сомонӣ рост меояд.

Бояд қайд намуд, ки шумораи андозсупорандагони қарздор аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 3885 адад ва маблағи бақияи қарз 134,7 млн сомонӣ ва аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ 9143 нафар ва маблағи бақия қарз 24 млн сомонӣ аз ҳисоби андози низоми содакардашуда дар назди буҷет мебошад.

Натиҷаи пешниҳоди эъломияҳои андози низоми содакардашуда аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ба санаи 1 апрели соли 2024 нишон медиҳад, ки аз шумораи 27430 нафар соҳибкори инфиродии амалкунанда, 1594 адад ё 5,8 фоизи соҳибкорон ҳисоботи андозии худро то ҳол барои семоҳаи чоруми соли 2023 ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, ки ин нишондод дар ВМКБ 76 адад 8,9 фоиз, вилояти Суғд 400 адад ё 5,2 фоиз, вилояти Хатлон 293 адад ё 5,6 фоиз, шаҳри Душанбе 583 адад ё 6,7 фоиз ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, 242 адад ё 5 фоиз рост меояд.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андози низоми содакардашуда, давра ба давра зиёд намудани даромади умумӣ, маблағҳои ҳисобшавандаи андози низоми содакардашуда дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд ва бо ин восита беҳтар намудани воридоти маблағҳои ин намуди андоз ба буҷет, Кумитаи андоз, дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андози низоми содакардашуда, давра ба давра зиёд намудани манбаҳои андозбандишаванда, таъмини эъломияҳои андоз, рӯёнидани маблағи бақияпулиҳо, татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ ва бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои иловагӣ хоҳад андешид.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

## От чего зависит транспортный налог на машину?

**Размер транспортного налога зависит от мощности двигателя, периода владения автомобилем и его стоимости, рассказал aif.ru вице-президент Ассоциации юристов по регистрации, ликвидации, банкротству и судебному представительству, заместитель руководителя Федерального центра медиации, председатель Общероссийского профсоюза медиаторов Владимир Кузнецов.**

Проще всего дела обстоят с периодом владения. Если в течение года регистрация автомобиля на его владельца не прерывалась, то о заплатит транспортный налог за все 12 месяцев. В противном случае ФНС начислит налог за то количество месяцев, которое прошло между началом календарного года и окончанием срока регистрации машины в ГИБДД.

Например, если человек владел автомобилем 6 месяцев, а потом снял его с учета в связи с продажей, то он заплатит налог за эти самые 6 месяцев. То есть половину от того, что заплатил бы за целый год, привел пример Владимир Кузнецов.

«Для дорогих автомобилей стоимостью от 10 миллионов рублей и более установлен повышающий коэффициент — 3. Это значит, что сумма налога, рассчитанная по мощности и периоду владения, умножается на три», — добавил Владимир Кузнецов.

Раньше в России были и другие коэффициенты, но с 2022 года их упразднили. Список автомобилей, владельцам которых нужно платить транспортный налог с учетом повышающего коэффициента, ежегодно публикует Минпромторг РФ.

Сильно на размер транспортного налога влияет и мощность двигателя автомобиля, которая измеряется в лошадиных силах. Если машина из списка Минпромторга оснащена двигателем мощностью более 250 лошадиных сил, то сумма налога за год на такой автомобиль будет начинаться в 2024 году от 112 тысяч рублей.

Автовладельцам необязательно делать расчет транспортного налога самостоятельно, Федеральная налоговая служба сама ежегодно направляет требование об оплате с указанием конкретной суммы. Чтобы узнать эту сумму заранее, например перед покупкой машины, на сайте ФНС предусмотрен онлайн-калькулятор для расчета.

**Источник: https://aif.ru**

# ШАҲРВАНДОНЕ, КИ АНДОЗИ ЗАМИН МЕСУПОРАНД

**Андози замин намуди андозе мебошад, ки аз ҷониби истифодабарандагони замин ба буҷети ҷумҳурӣ пардохт карда мешавад.**

**Вобаста ба объекти андозбандӣ, давраи пардохти андоз ва меъёрҳои андози замин, инчунин доир ба озод будани баъзе аз ҳудудҳо ва заминҳо аз пардохти ин намуди андоз, бо сармутахассиси Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаландар Аъзамов суҳбат анҷом додем.**

**- Қаландар Аъзамов, нахуст бигӯед, ки дар асоси муқарраротҳи Кодекси андоз киҳо супорандагони андози замин дониста мешаванд?**

-Мутобиқи моддаи 349 Кодекси андоз, заминистифодабарандагоне, ки ба онҳо қитъаҳои замин барои истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва меросии якумра дода шудаанд, заминистифодабарандагоне, ки воқеан қитъаҳои заминро истифода мекунанд, ба истиснои истифодабарандагони низоми ягонаи кишоварзӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият мекунанд, супорандагони андози замин мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати ба иҷора додани қитъаи замин иҷорадиҳанда низ супорандаи андози замин дониста мешавад. Андозсупоранда бо риояи муқаррароти бобҳои 52 ва 53 Кодекси андоз ва сипарӣ шудани 36 моҳи тақвимӣ метавонад аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ гузарад.

Мисол. Шаҳрванд Д.Д. тибқи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дорои қитъаи замин бо масоҳати 0,4 гектар мебошад. Аммо қитъаи замини мазкур аз ҷониби шаҳрванд амалан истифода намегардад. Новобаста аз истифодабарии замин, бекор хобидан ва ё ба иҷора додани он, Шаҳрванд Д.Д. дар тамоми давра супорандаи андози замин ба ҳисоб меравад.

Мисоли дигар. Шаҳрванд М.Р. бидуни ягон ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодбарии замин 0,2 гектар қитъаи заминро барои мақсадҳои шахсии худ истифода мекунад. Сарфи назар аз он ки шаҳрванди мазкур вобаста ба замини мазкур ҳуҷҷатҳои дахлдор надорад, ҳамчун истифодабаранда супорандаи андози замин ҳисобида мешавад.

**- Объект ва манбаи андоз барои андози замин кадом аст?**

- Объекти андозбандии андози замин қитъаҳои заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин, бо дар назар доштани сифат, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаҳои замине мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Объекти андозбандии андози замин мутобиқи қонунгузории замин Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҷойгиршавии қитъаи замин, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин муайян карда мешавад. Маблағи андози замин, новобаста ба натиҷаи фаъолияти хоҷагидории заминистифодабаранда, барои воҳиди масоҳати замин дар шакли пардохтҳои устувор барои як сол муқаррар карда мешавад. Манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин зикргардида ё масоҳати қитъаи замине, ки заминистифодабаранда амалан истифода мекунад, ба истиснои замини аз пардохти андоз озодшуда, мебошад.

Мисол. Шаҳрванд О.Р. дар замини наздиҳавлигии худ 100 адад дарахти себу нок дорад ва дар соли 2023 ҳосил ба даст оварда, аз ҳисоби фурӯши он даромад мегирад. Дар соли 2024 бинобар тағйирёбии обу ҳаво аз ҳисоби замини худ умуман ҳосил намегирад. Тибқи муқаррарот новобаста аз натиҷаи фаъолияти хоҷагидории истифодабарандаи замин шаҳрванд уҳдадор аст, ки барои солҳои 2023 ва 2024 андози заминро барои воҳиди масоҳати замин дар шакли устувор пардохт намояд.

Боз як мисол. ҶДММ «С» истифодабарандаи 0,5 гектар замин буда, дар 0,3 гектари он бинои маъмурӣ бунёд намудааст. Новобаста аз он ки 0,3 гектар замин зери бинои маъмурӣ мебошад, дар мисоли мазкур масоҳати 0,5 гектар қитъаи замини ҶДММ «‹С» ҳамчун манбаи андоз аз замин ба ҳисоб меравад.

**- Меъёри андоз барои як гектар замин бо дарназардошти минтақаҳои кадастрӣ чӣ гуна муайян гардидааст?**

- Меъёрҳои андоз барои як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) бо дарназардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз он ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ, бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин бо мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқашуда дар ҳар 5 сол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Меъёрҳои андози замин ҳамасола аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи сатҳи таваррӯми соли гузашта индексатсия карда мешаванд.

**- Кадом ҳудудҳо ва заминҳо аз пардохти андози замин озоданд?**

- Аз пардохти андози замин ҳудудҳо ва заминҳои зерин озод мебошанд:

- ҳудуди мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ки номгӯи ва масоҳати ҳудудҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;

- заминҳои муассисаҳои давлатӣ, ки барои амалисозии фаъолияти оинномавӣ (низомномавӣ)-и чунин муассисаҳо истифода мегарданд, ба истиснои заминҳои чунин муассисаҳо, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ дода (истифода) шудаанд;

- заминҳое, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вайроншуда эътироф шудаанд, инчунин заминҳое, ки тибқи хулосаи расмии мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар марҳалаи азхудкунии кишоварзӣ қарор доранд, ба муҳлати 5 сол баъд аз гирифтан (оғози азхудкунӣ)-и чунин заминҳо;

- заминҳое, ки таҳти хатти мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор дошта, бо мақсадҳои дигар истифода намешаванд;

- заминҳои истифодаи умумии маҳалҳои аҳолинишин ва хоҷагии коммуналӣ, аз он ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, қабристонҳо, агар дар чунин заминҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода нашавад;

- заминҳои захираи озоди давлатӣ, инчунин заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярчҳо, дарёҳо ва кӯлҳо воқеъ мебошанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- заминҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти манбаъҳои барқароршавандаи барқ насб гардидаанд (бо қувваи номиналии 0,1 МВт ва зиёда аз он), ба муҳлати 5 сол аз санаи ба кор андохтани он;

- заминҳои тахти роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва роҳи оҳан, инчунин заминҳои тахти объектҳои давлатии интиқоли барқ, обтаъминкунӣ ва иншооти обии давлатӣ қарордошта, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- заминҳое, ки барои таъмини мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҷойгиркунии онҳо ва масоҳати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замине, ки барои сохтмони манзил ба шахсони дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 347 Кодекси андоз зикршуда ҷудо гардидаанд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигие, ки ба муҳоҷирони ихтиёрӣ ва экологӣ барои зисти доимӣ аз як ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар ноҳияҳои муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд, ба муҳлати 3 сол баъд аз ҷудо намудани чунин заминҳо;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва духтурони дар муассисаҳои тиббии деҳот коркунанда ҷудо карда шудаанд, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо;

- масоҳати заминҳое, ки бо мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, дарахтҳои ороишӣ ва мевадиҳанда ба ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, ки номгӯи ва истифодабарандагони онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ҷудо гардидаанд, агар чунин масоҳатҳо бо мақсади соҳибкорӣ истифода нагарданд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил барои ҳамаи гурӯҳи маъюбон (ба истиснои маъюбони гурӯҳҳои I ва II) дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо шудаанд, агар дар чунин оилаҳо шахси ғайри қобили меҳнат бошад ва шахси маъюб эътирофшуда бе ҷойи кор бошад;

- замини чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва заминҳои дигар, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо истифода карда мешаванд, ба муҳлати 5 сол аз соли оғози бунёди боғҳо ва токзорҳо, агар чунин заминҳо қаблан барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашуда бошанд.

- аз 1 январи соли 2022 то 31 декабри соли 2031 қитъаҳои замине, ки барои тутзорҳо истифода мешаванд, бо андози замин андозбандӣ карда намешаванд.

Мисол. Кооперативи тиҷоратии «А» дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият намуда, дорои 20 гектар қитъаи замини таъйиноти кишоварзӣ мебошад. Тибқи ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин, аз 20 гектар замини мазкур 10 гектар қитъаи замини он ҳамчун тутзор нишон дода шудаast ва он амалан ҳамчун тутзор истифода мегардад. Бинобар ин, Кооперативи тиҷоратии «А» аз пардохти андози замин барои 10 гектар қитъаи замини тутзор озод мешавад.

Барои истифодаи имтиёзҳои андозии пешбинишуда андозсупоранда уҳдадор аст ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаи замин ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин ва ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиқкунандаро пешниҳод намояд.

Мутобиқи қисми 5 моддаи 355 Кодекси андоз, андозсупорандагон уҳдадоранд маълумоти зарурирo оид ба объектҳои нави андозбандии марбут ба қитъаҳои замин ва (ё) объектҳои ғайриманқули аз нав ҷудокардашуда (бадастовардашуда, гирифташуда, сохташуда, тағйирот дар соҳибмулкӣ) дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ, аз лаҳзаи ҷудокунӣ (ба даст овардан, гирифтан, сохташуда, тағйирот дар соҳибмулкӣ), ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Мисол. ҶСП «А» дорои 1,2 гектар замини обӣ ва 2300 метри мураббаъ объекти ғайриманқул буда, он барои амалӣ намудани фаъолияти савдо ва ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ истифода карда мешавад. Мақомоти андози маҳалли бақайдгирии ҷамъият дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдори соҳавӣ санаи 25 январи соли ҳисоботӣ ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда огоҳинома дар шакли электронӣ ирсол намудааст, ки дар он 1,2 гектар замини обӣ ва 1600 метри мураббаъ объекти ғайриманқул нишон дода шудаанд. Дар ин ҳолат ҷамъият уҳдадор мебошад, ки ба мақомоти андоз тавзеҳот (ё ҳуҷҷатҳои асоснок) пешниҳод намояд, ки дар ҳисобот объекти ғайриманқул (2300-1600) 700 метри мураббаъ кам нишон дода шудааст. Мақомоти андоз бо дарназардошти тавзеҳоти ҷамъият уҳдадор мебошад, ки дар давоми як моҳ, аз санаи гирифтани чунин тавзеҳот, онро баррасӣ намуда, ҳисоботи ислоҳкардашударо барои давраи ҳисоботӣ ба низоми барномаҳои иттилоотии мақомоти андоз ворид ва ба ҷамъият огоҳиномаи нав равон кунад.

**- Давраи пардохти андоз барои супорандагони андози замин кадом аст?**

- Маблағи андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул барои соли ҳисоботӣ аз ҷониби андозсупорандагон на дертар аз рӯзи 15-уми моҳи дуюми ҳар семоҳа ба андозаи аз чор як ҳиссаи маблағи солонаи андоз пардохт карда мешавад. Андозсупоранда метавонад маблағи андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқулро пеш аз муҳлат пурра пардохт намояд. Андозсупоранда уҳдадор аст, пардохтҳои андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқулро дар муҳлатҳои муқаррарнамуда анҷом диҳад. Ҳангоми дар муҳлатҳои муқарраргардида аз ҷониби андозсупоранда пардохт нагардидани андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул, аз ҷониби мақомоти андоз барои батаъхиргузории муҳлати пардохт фоизҳо ҳисоб карда мешаванд. Масалан, мақомоти андози маҳалли бақайдгирии ҶДММ «В» дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдори соҳавӣ 25 январи соли 2024 ба ҳуҷраи шахсии ҷамъият дар хусуси аз ҷониби он пардохт гардидани андози замин ба маблағи 15600 сомонӣ ва андоз аз объектҳои ғайриманқул 27800 сомонӣ огоҳинома ирсол намудааст. Дар ин ҳолат ҷамъият уҳдадор мебошад, ки на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри соли 2024 ба андозаи аз чор як ҳиссаи маблағи солонаи андоз, андози замин (15600/4) 3900 сомонӣ ва андоз аз объектҳои ғайриманқул (27800/4) 6950 сомонӣ пардохт намояд. Дар сурати аз ҷониби ҶДММ «В» барои семоҳаи дуюми соли ҳисоботӣ пардохт нагардидани андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул барои ба таъхир гузоштани ҳар рӯзи пардохт фоиз ҳисоб карда мешавад.

Дар робита ба ин, аз андозсупорандагон даъват ба амал оварда мешавад, ки уҳдадориҳои андозии худро сари вақт иҷро кунанд.

**Мусоҳиб**
**П. АКРАМ**

# АЗНАВБАҲИСОБГИРӢ – МУСОИДАТ ДАР ДАРЁФТИ МАНБАЪҲОИ НАВИ АНДОЗБАНДӢ



Азнавбаҳисобгирии пурраи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, тибқи муқаррароти қонунгузории андоз пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани объектҳои молу мулки навбунёди истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, истиқоматӣ ва дигар объектҳои сохтмонашон нотамом, ҳамчунин, ҳангоми мавриди истифодабарӣ қарор ёфтани объектҳои ғайриманқул ва бетаъхир ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо яке аз воситаҳои асосии ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ ва давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад дар асоси фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шасони ҳуқуқӣ ва воқеӣ” ҳар сол дар рафти азнавбаҳисобгирӣ аз ҳисоби объектҳои аз андозбандӣ дар канормонда ва объектҳои нав ба истифода додашуда ба буҷети мамлакат маблағҳои бариловаи андоз ворид мегарданд.

Аз тарафи кормандони шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ ва гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор дар семоҳаи аввали соли 2024 маълумот дар бораи азнавбаҳисобгирии объектҳои ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии 3741 нафар андозсупоранда ба шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо пешниҳод ва дар ин замина маълумоти 2347 нафар субъектҳо ба барномаи компютерии махзани маълумот дохил карда шудааст.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соли равон кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор корро дар асоси дастурҳои Кумитаи андоз ба роҳ монда, тартиби корбариро дар самти азнавбақайдгирӣ (инвентаризатсия) - и молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ куллан тағйир доданд. Ин буд, ки нақшаи се моҳи аввали андози амвол, замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иҷро гардида, барои дар давраҳои минбаъда таъмин намудани иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ заминаи боэътимод гузошта шуд.

Дар семоҳаи аввали соли 2024 нозироти андоз дар 545 адад хоҷагии шахсони воқеӣ баҳисобгирии молу мулкро анҷом дода, масоҳати амволро ба андозаи 192117 метри мураббаъ ва масоҳати заминро 10,3 га зиёд намуданд.

Тибқи ҳисоботи бахши бақайдгирии давлатӣ ба ҳолати 1 марти соли 2024 дар Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор 447 нафар иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқул ба қайд гирифта шуда, маблағи андоз аз иҷора ба андозаи 1104,0 ҳазор сомонӣ ҳисоб шудааст. Бояд қайд кард, ки дар давраи ҳисоботӣ маблағҳои ҳисобшудаи андози номбурда пурра ҷамъоварӣ ва ба буҷет ворид карда шудааст.

Бояд гуфт, ки дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз “Дар бораи азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ” аз 12 феврали соли 2024 таҳти №61 аз ҳисоби кормандони шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ ва гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои нозироти андоз Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки онҳо бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ дар азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ фаъолона ширкат меварзанд. Яке аз ҳадафҳои Гурӯҳи корӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Ҳисор, шаҳраку ҷамоатҳои деҳот ва маҳаллаҳо, дар навбати аввал, амалӣ намудани баҳисобгирии пурраи ҳамаи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқию воқеӣ ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо, мукаммал намудани Феҳристи ягонаи давлатии объектҳои молу мулки ғайриманқул, татбиқи ҳамаҷонибаи модули компютерии СМИИА мебошад.

Дар назди Гурӯҳи корӣ ҳамчунин вазифаҳои дигар - дар ҳамкорӣ бо бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пурзӯр намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ”, “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ”, пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоб ва пардохти маблағҳои андоз оид ба амволи ғайриманқул, замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи амалии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, таҳти № 151 “Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда” истодаанд, ки умед дорем он аз уҳдаи иҷрои онҳо, албатта, мебароянд.

**М. ТАБАРЗОДА**

# РУШДИ БОСУБОТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ДЕҲОТ

**Соҳибкорӣ дар деҳот фаъолияти мустақим аст, ки шахсони алоҳида дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ машғул буда, бо истифода аз захираҳои маҳаллӣ мавқеи иҷтимоӣ ва манфиатҳои худро баҳри ба даст овардани фоида равона менамоянд.**

Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот барои ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳот, таъсису рушди фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ, инчунин пешрафти иқтисодиёти деҳот шароити мусоид фароҳам меорад.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии деҳот ва паст намудани сатҳи бекорӣ саъю талоши зиёд меварзанд, ки ин аз соҳибкорони деҳот ташаббускорӣ, мустақилият, хоҷагидории самаранокии фаъолонаро талаб менамояд. Бо ин сабаб, рушди босуботи соҳибкорӣ дар деҳот имкон фароҳам меорад, ки ҷойҳои нави корӣ таъсис ёбад, сатҳи шуғлнокии аҳолии деҳот афзун шуда, зиндагии аҳолии деҳот беҳтар гардад ва дар ин замина иқтисодиёти деҳот рушд кунад.

Таъсири рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба шуғли аҳолии деҳот воқеан масоили мубрами иқтисодиёти замони муосир арзёбӣ мешавад. Дар ин раванд, бояд қайд намуд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, соҳибкорӣ нақши муҳимро мебозад ва бахши назарраси маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва шуғли аҳолии деҳотро таъмин менамояд.

Зикр намудан зарур аст, ки дар деҳот навъҳои гуногуни манбаъҳо ва шароитҳое мавҷуданд, ки ба аҳолӣ имконияти амалӣ намудани шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкориро фароҳам меоваранд. Аз рӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, деҳот аз шаҳрҳо ва минтақаҳои аз лиҳози саноатӣ рушдёфта пасттар қарор дорад, аммо дар деҳот ба ғайр аз фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ низ якчанд намуди фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзиро номбар кардан мумкин аст: аз он ҷумла, дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ, хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, бизнеси тарабхона, сайёҳӣ ва ғайра.

Фаъолияти соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, ки яке аз манбаъҳои асосии даромади хонаводаҳои деҳот гардад. Дар айни замон, дар кишвар таҷрибаи татбиқи амалии чунин барномаҳои рушди деҳот вуҷуд надорад ва фаъолият, асосан, ба равиши вазорату идораҳои мухталиф, ки барномаҳои худро дар деҳот иҷро мекунанд, рост меояд. Бо сабаби он ки соҳибкории кишоварзӣ дар деҳот хусусияти мавсимӣ дорад, соҳибкории ғайрикишоварзӣ метавонад тамоми сол аҳолии деҳотро бо ҷои кор таъмин намояд.

Дар заминаи таҳқиқи проблемаҳои ташаккул ва инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар гардидааст, ки дар шароити муосир дар стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок ва назаррасро дар соҳаи соҳибкорӣ фаъолияти истеҳсолӣ ишғол менамояд.

Алҳол, соҳибкорӣ дар деҳот, асосан, аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ташаккул ва рушд ёфтааст.

Эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ соҳаи дигари соҳибкорӣ дар деҳот ба ҳисоб меравад, ки аҳолиро бо шуғл ҷалб ва таъмин менамояд. Дар солҳои истиқлолият шинохт ва муносибат ба ҳунарҳои мардумӣ, дар баробари дигар ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, дигаргун гардида, дар натиҷаи муносибати оқилона рӯ ба инкишоф ниҳод. Маҳз таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гардид, ки мардуми деҳот ҳунарҳои мардумиро эҳё намуда, даромади иқтисодӣ ба даст оранд ва дар баробари ин, фарҳанги миллии мардуми тоҷикро ба арсаи ҷаҳон бозгӯ намоянд. Сабаби таваҷҷуҳи давлат ба ин масъала пас аз ба даст овардани соҳибихтиёрӣ дар он буд, ки аксари корхонаҳои калони саноатӣ робитаҳои истеҳсолии худро бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз даст доданд ва аксари аҳолии коргар-ҳунарманд бе ҷойи кор монданд. Пешвои миллат дар ин вазъият соҳибкории хусусӣ, фардӣ ва хурду миёнаро иҷозат дода, барои рушди ҳунарҳои мардумӣ асоси қавӣ гузошт. Дар ин давра дар деҳаҳои кишвар намудҳои ҳунарҳои мардумӣ, аз он ҷумла оҳангарию чӯбтарошӣ, дӯхтани либосҳои миллӣ аз нав ташаккул ва рушд ёфтанд.

Дар робита ба ин, метавон ба чунин хулоса омад, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот аз шароити муайяни иҷтимоию иқтисодӣ ва омилҳои мушаххас вобастаанд,аз он ҷумла:

- вобастагии соҳибкории деҳот аз ҳолатҳои табиӣ ва иқлимӣ;
- афзоиши шумораи аҳолии деҳот дар ҳар як минтақа;
- рушд наёфтани соҳибкорӣ дар деҳот бо сабаби кам шудани масоҳати заминҳои кишоварзӣ.

Умуман, соҳибкорӣ дар деҳот дар рушди иқтисодиёти миллӣ, фаровон гардонидани бозори молҳои истеъмолии босифат, ташкили ҷойҳои нави корӣ дар деҳот ва ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии деҳот нақши муҳим доранд. Илова бар ин, фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот дар таъмини истеъмолкунандагон бо мол ва хизматрасониҳои нав ва дар маҷмуъ, рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат мекунад.

**Ҷовиди СУФӢ**

# РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО: ҲАДАФИ ҶОРӢ НАМУДАНИ ОН

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» ва Нақшаи чорабиниҳои он дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. Дар пайвастагӣ ба ин мавзуъ суҳбате анҷом додем бо мутахассиси пешбари Сарраёсати маъмурикунонии андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоҳрух Шеров, ки онро пешниҳоди хонанда мегардонем.**

**- Нахуст, мегуфтед, ки мақсад аз ҷорӣ намудани рамзгузории мол аз чӣ иборат аст?**

- Мақсад аз ҷорӣ намудани рамзгузории электронии мол, аслан, то ҳадди имкон шаффоф намудани бозор мебошад, то ки тамоми раванди ҳаракати молҳо пайгирӣ карда шавад ва ба ин васила ба истеъмолкунандаи ниҳоии сифати мол кафолат дода шавад.

**- Сифати мол чӣ гуна кафолат дода мешавад?**

- Кафолатҳои сифати мол чунинанд: шахс бояд бовар дошта бошад, ки ӯ маҳсулоти босифатро, ки ба ҳама талабот ҷавобгӯ аст, харидааст ва ин маҳсулот ба тарви қонунӣ истеҳсол ё ворид карда шудааст.

**- Рамзгузории электронии мол чист?**

- Рамзгузории электронии мол аз сатҳи дурамзаи - Data Matrix иборат мебошад, ки он дорои маълумот дар бораи маҳсулот дар махзани иттлоотӣ, ба тарви сода аз ҷониби харидор санҷида ва назорат карда мешавад.

**- Бо мақсади татбиқи амалисозии муқаррароти Кодекси андоз ва рамзгузории электронӣ, аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чи татбирҳо роҳандозӣ шуда истодаанд?**

- Аввалан ёдрас мешавем, ки вобаста ба рамзгузории электронии мол қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» қабул карда шудааст.

Бо мақсади иҷрои қарори номбурда Нақшаи чорабиниҳо таҳия шуда, аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2023, №23/10-237(9) тасдиқ шудааст.

Бояд гуфт, ки Нақшаи чорабиниҳо аз 29 банд иборат буда, дар 19 банди он Кумитаи андоз иҷрочии аввал мебошад.

Бандҳои 1 ва 2 Нақшаи чорабиниҳо, ки таъсиси Гурӯҳи корӣ ва таҳкими муносибаҳои шартномавиро дар назар доранд, иҷро шудаанд. Аз он ҷумла, аз ҳисоби вазорату идораҳо Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, бо мақсади таҳияи модулҳои барномавии низоми иттилоотии "Рамзгузории электронии молҳо" бо ҶДММ "Технология групп" рӯзи 21 ноябри соли 2023 шартнома ба имзо расонида шудааст.

Бо мақсади иҷрои бандҳои 3 ва 4 супориши техникӣ оид ба амалисозии лоиҳаи Системаи иттилоотии рамзгузории электронии маҳсулот (СИРЭМ) таҳия шудааст ва рӯзи 25 октябри соли 2023 дар Кумитаи андоз бо намояндагони ҶДММ "Технология групп" баррасӣ ва пас аз мувофиқа ва такмил ба имзо расонида шуд.

Бахри иҷрои банди 5 Нақшаи чорабиниҳо, ҷиҳати дарёфти маблағгузории иловагӣ дар доираи лоиҳаи "Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз" барои таҳияи модулҳои барномавии низоми иттилоотии "Рамзгузории электронии молҳо" ба Вазорати молия мактуб (аз 8 ноябри соли 2023, №19122/4.1.1) ирсол шудааст дар ин самт корҳо бо Вазорати молия идома доранд.

Доир ба иҷрои бандҳои 6-8 Нақшаи чорабиниҳо, лоиҳаи методология, қоидаҳои рамзгузорӣ ва мониторинги гардиши маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тамокуи коркардшуда, маҳсулоти ивазкунандаи тамокуи саноатӣ ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи никотиндор, тамокуи тафсондашуда, сигорҳои электронӣ ва маҳсулоти дудкашӣ, барои ҳамаи намудҳои машрубот, маҳсулоти спиртдор ва алкоголдор, нӯшокиҳои энергетикӣ) тасдиқ карда шуданд

Ба замми ин, дар асоси талаботи бандҳои 62 ва 63 Тартиби рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо Қарор шакли борхати молҳои рамзгузоришаванда тасдиқ шуда, тибқи мактуб аз 1 марти соли 2024 №4335/4.1.1 ба Оператор ирсол гардид.

Бобати иҷрои банди 9 Нақшаи чорабиниҳо барои мукаммал намудани заминаи ҳуқуқӣ барои саркашӣ ва ё фе рамзгузори электронӣ ба фурӯш баровардани молҳо Кумитаи андоз лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ро таҳия ва барои баррасӣ ба вазорату идораҳо ирсол намудааст. Пас аз ҷамбасти хулосаҳои вазорату идораҳо лоиҳаи мазкур бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда хоҳад шуд.

Ҳамзамон, бо идомаи корҳо барои амалӣ намудани Қарор ва ба миён омадани зарурат ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, Кумитаи андоз дар якҷоягӣ бо мақомоти давлатӣ лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Бояд қайд кард, ки Кумитаи андоз минбаъд низ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати татбиқи амалии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» ва Нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2023, №23/10-237 (9) тасдиқ гардидааст, барои дар муҳлатҳои муқарраршуда ҷорӣ намудани рамзгузории электронӣ чораҳои иловагӣ меандешад.

**- Вобаста ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» кадом молу маҳсулот мавриди размгузории электронӣ қарор дода мешавад?**

- Ёдовар мешавем, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» тибқи талаботи моддаи 45 Кодекси андоз қабул шудааст, ки мақсади он рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, кам кардани иқтисоди пинҳонӣ, пайгирии истеҳсолот, интиқол ва фурӯши молҳо ва ҳифзи саломатии истеъмолкунандагон ба ҳисоб меравад.

Тибқи талаботи қарор ҷоринамоии марҳалавии рамзгузории электронии молҳо барои намудҳои зерини молҳо таъмин карда мешавад:

- то 1 июли соли 2024 барои тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ ва дастгоҳҳои интиқоли дуд тавассути мушаххаснамоии рақамӣ;
- то 1 июли соли 2024 барои ҳамаи намудҳои спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нӯшокиҳои энергетикӣ;
- то 1 январи соли 2025 барои воситаи дору ва молҳои тиббӣ;
- то 1 январи соли 2026 барои оби нӯшокӣ ва нӯшокиҳои хунуккунанда;
- то 1 январи соли 2027 барои техникаи маишӣ.

**Мусоҳиб**
**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Взимание НДС при продаже товаров через электронные площадки

**Комитет ГД рекомендовал принять законопроект, касающийся взимания НДС по месту назначения при продаже товаров через электронные площадки.**

Комитет Государственной думы по бюджету и налогам рекомендовал принять в первом чтении законопроект о взимании НДС по месту назначения при продаже товаров через электронные тор

В настоящее время продажа товаров на территории России физическими лицами из стран Евразийского экономического союза (ЕАЭС) через электронные торговые площадки не облагается НДС. В связи с этим предложенный федеральный закон предусматривает, что местом продажи товаров, реализуемых продавцами из стран ЕАЭС через электронные торговые площадки, будет считаться территория России, если на момент получения товара покупателем — физическим лицом, не являющимся индивидуальным предпринимателем, товар находится на территории России.

Документ также определяет особенности регистрации иностранных посредников в налоговых органах, через чьи электронные торговые площадки осуществляется продажа товаров налогоплательщиков из стран-членов ЕАЭС, а также возможности использования личного кабинета иностранными посредниками для подачи налоговой декларации по НДС и других документов, а также особенности получения информации от налогового органа.

Предложенный закон также предусматривает право налогоплательщиков на вычет НДС, уплаченного поставщиками товаров (работ, услуг), приобретенных для реализации через электронные торговые площадки покупателями — физическими лицами, не являющимися индивидуальными предпринимателями, находящимися на территории других государств — членов ЕАЭС.

Также предусматривается возможность российским продавцам учитывать в вычете суммы НДС, уплаченные ими за счет собственных средств в бюджеты других стран-членов ЕАЭС при продаже товаров через электронные торговые площадки физическим лицам этих стран. Это позволит компенсировать расходы российских продавцов на уплату указанных сумм налогов.

Согласно финансово-экономическому обоснованию законопроекта, при его принятии федеральный бюджет понесет потери в размере 2 млрд рублей. Однако эти потери будут компенсированы за счет НДС, уплаченного иностранными организациями при продаже товаров физическим лицам на территории России через электронные торговые площадки.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ “БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ КОДЕКСИ АНДОЗ” МУАЙЯН ГАРДИД





**Тайи чанд соли охир бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси андоз» гузаронида мешавад.**

Чунин озмун ин навбат дар рӯзҳои 2 ва 3 майи соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андоз ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» баргузор гардид, ки дар он 94 иштирокчӣ аз 12 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ иштирок карданд.

Ҳамин тавр, 3-юми май маросими ҷамъбастии озмуни мазкур баргузор гардид. Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим зимни баромади худ изҳор дошт, ки дар натиҷаи ҳамкориҳои судманди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин озмун ҳамасола дар сатҳи баланд гузаронида мешавад.

Номбурда аз ҳамкориҳои ин ду ниҳод дар самти ҷалби кормандони варзидаи мақомоти андоз дар раванди таълим, ташкил ва баргузории чорабиниҳои илмию амалӣ, ҷалби устодони донишгоҳ дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, аз он ҷумла Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо изҳори қаноатмандӣ кард.

Тавре қайд карда шуд, ҳадафи гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси андоз» баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони ояндаи соҳаи андоз ва дарёфти мутахассисони лаёқатманд мебошад. Озмуни мазкур барои васеътар омӯхтани асосҳои андоз ва андозбандӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон мусоидат менамояд.

Гузаронидани чунин озмун таъмини ҳамбастагии назария бо амалия мебошад. Ҳакамон ҳам ба иштирокдорони озмун аз рӯи адолат баҳогузорӣ намуда, ба дастаҳо баҳои холисона доданд.

Қабл аз маросими тақдими ҷоизаҳо ба иштирокдорони озмун, ба сардори Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров, муовини сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андоз Комрон Саидов, сармутахассиси Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Абдулмаҷидзода ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ки дар озмун иштирок намуданд, сипосномаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тақдим карда шуданд.

Дар ҷамъомад хотирнишон сохтанд, ки озмун аз рӯи ду номинатсия - «Дастаӣ-амалӣ» ва «Дастаӣ- назариявӣ» баргузор гардид.

**Ҳамин тавр, дар асоси хулосаи ҳакамон ғолибон ба таври зайл муайян карда шуданд:**

### Дар номинатсияи «Дастаӣ-амалӣ»:

- **Ҷойи якум** - дастаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
- **Ҷойи дуюм** – дастаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Ҷойи сеюм** - дастаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.

### Дар номинатсияи «Дастаӣ-назариявӣ»:

- **Ҷойи якум** - дастаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;
- **Ҷойи дуюм** - дастаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
- **Ҷойи сеюм** - дастаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Ғолибон бо ифтихорномаҳо ва тӯҳфаҳои таъсисдодаи кумитаи тадоркукоти озмун сарфароз гардонида шуданд.

Пас аз маросими ҷоизасупорӣ сардори Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андоз Собир Вазиров сухан кард. Ӯ аз он ҷумла гуфт, ки озмуни имсола назар ба солҳои қабл дар сатҳи баланд ташкил гардид, зеро аз ҷониби Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои иштирокчиён шароити хуб фароҳам оварда шуда буд.

Ба таъкиди Собир Вазиров, доварӣ дар озмуни соли 2024 нисбат ба солҳои гузашта мушкилтар буд, чунки сатҳи омодагии дастаҳо аз солҳои қаблӣ бакуллӣ фарқ дошт ва тафовути дастаҳо дар сатҳи холҳои минималӣ буд. Хурсандиовар аст, ки дар озмун донишҷӯдухтарон хеле фаъол буданд ва изҳори боварӣ карда шуд, ки дар оянда иштирокчиёни озмун мутахассисони беҳтарини соҳаи андоз хоҳанд гардид.

- Сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Ҳукумати мамлакат зина ба зина роҳандозӣ мешавад, таъкид карда шуд дар ҷамъомад. - То имрӯз дар самтҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон, содагардонии санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ, умуман, ислоҳоти низоми андозбандӣ тадбирҳои муҳим андешида шудаанд. Ташкили чунин озмунҳои маърифатӣ низ барои рушди зеҳнии донишҷӯён кӯмак расонида, барои беҳтар омӯхтани асосҳои андоз ва андозбандӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон мусоидат менамояд.

Ба ҳамаи ғолибони Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси андоз» дар вазъияти тантанавӣ Дипломи Ифтихорнома ва тӯҳфаҳои кумитаи тадоркукоти озмун тақдим карда шуданд.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

# В БЕЛЬГИИ ПРЕДЛОЖИЛИ ВВЕСТИ ВСЕМИРНЫЙ НАЛОГ НА БОГАТСТВО

**Глава Социалистической партии Бельгии считает необходимым введение налога на богатство по всему миру, чтобы финансировать борьбу с изменением климата.**

Поль Маньетт, глава Социалистической партии Бельгии, выразил мнение в интервью газете Financial Times о необходимости введения налога на богатство по всему миру или, по меньшей мере, на уровне Евросоюза, чтобы финансировать борьбу с изменением климата.

Он подчеркнул, что для финансирования климатических инициатив требуются значительные средства, которые могут быть получены от крупных транснациональных корпораций и лиц с высокими состояниями. Маньетт отметил, что в текущей ситуации других альтернатив просто нет. По его словам, запрос на введение такого налога среди европейского населения очень высок.

В контексте беседы с газетой, Маньетт также обсудил споры между странами-членами ЕС относительно источников финансирования обороны и достижения климатических целей. Он упомянул о нарушении некоторыми странами фискальных правил ЕС по государственным расходам, включая Бельгию.

Предыдущие отчеты также упоминали, что Бельгия планирует получить значительные средства от налога на сверхприбыль корпораций, взимаемого с реинвестирования замороженных российских активов на площадке Euroclear. Однако, такие действия вызывают недовольство других стран ЕС и США, которые призывают Бельгию отказаться от этого налогообложения, чтобы максимизировать помощь Украине.

**Источник: http://taxpravo.ru**

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ "ЗАМ ЗАМ – 2014" (РЯМ 090014304) воқеъ дар шаҳри Ҳисор, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Устошариф - Д» (РЯМ1810000436) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи истеҳсолии «Нурулло Ашуров» (РЯМ 1910004855) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Равғани пахтаи Фозилҷон» (РЯМ 1910004159) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Исмоили Ғафор» (РЯМ 2910005331) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ "Равшан Фозилов" (РЯМ 5910006924) воқеъ дар ноҳияи Спитамен, барҳам мехӯрад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назаров Раҳмонали (РЯМ 1230168253) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муродов Дилшод (РЯМ 0331448554) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Абдухолиқ Абдурозиқи Маҷидзода (РЯМ 0331397624) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Мунира Солиева (РЯМ 0331419624) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Зиёев Равшан (РЯМ 0331296662) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мамарахимова Шодигул (РМА 325168749) аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шудаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Парвизи Карим (РЯМ 0330109166) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Шоимов Маҳмаднабӣ (РЯМ 0330062480) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидов Муҳамадҷон (РЯМ 3530042826) аз ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҷонов Парвиз (РЯМ 0430289631) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсупов Шуҳрат (РЯМ 5130151135) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳоҷинегматов Раҳматҷон (РЯМ 5130228556) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуҷалолов Ҷӯрабек (РЯМ 6330054354) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси соҳибкори инфиродӣ Норматова Зевара (РЯМ 5130279963) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси соҳибкори инфиродӣ Мамуров Носирхӯҷа (РЯМ 6330222250) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Хуршеди дурахшон» (РЯМ 6810002275), аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ва РМА мутааллиқ ба ҶДММ «Эҳёгарони Мерос» (РЯМ 6210005368), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Мӯҳри даврашакли ҶСП «Бозори Ваҳдат» (РМА 630017151), воқеъ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсупов Сайҳомиддин (РЯМ 0130193626) аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мутааллиқ ба КТ "Устошариф-Д" (РЯМ 1810000436) шаҳри Кӯлоб, бинобар сабаби гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба ХД "Асоев Раҳмидин" (РЯМ 1230044164) аз ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба ХД "Нукаров Усмон" (РЯМ 1230123428) аз ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба ХД "Аминҷонов Маматкарим" (РЯМ 1230027334) аз ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Султонов Фарҳод (РЯМ 0130131806) аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси соҳибкори инфиродӣ Саидов Муҳаммадҷон (РЯМ 1930097070) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

# ТАШКИЛИ КУРСИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Тайи солҳои охир зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар суханрониҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи забондонии хизматчиёни давлатӣ, аз худ намудани ҳадди ақал ду забони хориҷӣ пайваста таъкид намуда истодаанд. Дар ин замина, барои ташкили курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба хизматчиёни давлатӣ ба роҳбарияти вазорату кумитаҳо ва идораҳои давлатӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шудаанд. Қобили зикр аст, ки ҷиҳати таъмини иҷрои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани сатҳи забондонии хизматчиёни давлатӣ ва аз худ намудани на кам аз ду забони хориҷӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2022 инҷониб курсҳои забономӯзӣ ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба барқияномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои супориши ҷаласаи кории назди Раиси Кумитаи андоз дар Маркази такмили ихтисос дар вилояти Суғд машғулиятҳои бозомӯзӣ, бахусус забономӯзӣ барои хизматчиёни давлатӣ, яъне кормандони Раёсати андоз дар вилояти Суғд оғоз гардиданд. Шунавандагони машғулиятҳои забономӯзӣ беш аз 50 нафар сардорон, сармутахассисон ва мутахассисони шуъбаву бахшҳои раёсати андози вилоят мебошанд. Машғулиятҳо ҳар ҳафта рӯзҳои сешанбе ва панҷшанбе доир мегарданд. Барои гузаронидани машғулиятҳои забономӯзӣ Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо Донишгоҳи Осиёи Марказӣ тибқи барномаҳо ва стандартҳои тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи хизматрасонӣ бастааст. Дар асоси ин шартнома мутахассисони ботаҷрибаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба кормандони раёсати андози вилоят забонҳои русӣ ва англисиро омӯзонида истодаанд.

Тавре мудири бахши Маркази такмили ихтисос дар вилояти Суғд Розия Аҳмадҷонова зикр дошт, дар оянда ташкили чунин курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои кормандони мақомоти ҳудудии андози вилоят низ дар назар дошта шудааст. Зеро барои расидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатӣ омили муҳим мебошад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Тибқи муқаррароти моддаи 85 Кодекси андоз ва талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 9 октябри 2021, №432) "Дар бораи Тартиби истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ" субъектҳои хоҷагидор уҳдадоранд, ки ҳангоми таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ ва шаклҳои дигари ҳисоббаробаркунӣ, ҳатман дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавиро истифода намуда, оид ба амалиёти анҷомдодашуда ба мизоҷон (харидорон) расидро пешниҳод намоянд.

Бинобар ин, аз шаҳрвандон ва андозсупорандагон, хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми хариди молу маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳатман расиди (чеки) дастгоҳи назоратӣ-хазинавиро талаб намоянд.

Дар сурати аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор истифода нашудани дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ ва пешниҳод нагардидани расидҳо (чекҳо), шумо метавонед тавассути рақами содакардашудаи «151» ба Маркази тамоси Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мужской корень – раҳоӣ аз простатити шадид ва аденома!
-Ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қороҳо дар ғадуди простата мусоидат мекунад
-Ба пурра холӣ шудани пешобдон кӯмак расонида, аз зуд-зуд пешобкунӣ наҷот медиҳад
-Фаъолияти ҷинсии мардонр барқарор месозад
Тарзи истеъмол: Рӯзе 2 бор ба таги забон 15-20 чакра.
Давомнокии табобат: 1 моҳ
Шакли барориш: шишача 50 мл.


Аз дорухонаҳо пурсон шавед.
Мол дорои сертификат аст.
Телефон барои тамос: +992 000400071

Рушании чашмони шумо!
Кӯдакатонро камбиной азият медиҳад ё сину солатон гузаштаву хирашавии чашмонатон шуморо ғамгин сохтааст?
"Флавигран очанка" - барои бемориҳои гуногуни чашм, аз ҷумла, шамолхӯрдагӣ, катаракта глаукома, миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), ҳамчунин, захми қарнияи чашм ва ҳифз кардани он аз таъсири омилҳои беруна муфид аст, барои таъмин ва муътадил нигоҳ доштани рагҳои хунгарди чашм мусоидат мекунад.
Таркиби дору: муруди чангалӣ, зайтун, хуч, марчумак, афшураи лимӯ ва сабзӣ. Истеҳсол Русия.
Аз дорухонаҳо пурсон шавед.
Тарзи истеъмол: 1 қошуқча аз ин дору гирифта, дар 100 мг об омехта карда, рӯзе 3 маротиба муддати як моҳ давом меёбад. Баъд аз 6 моҳ дубора ин табобатро такроран гирифтан мумкин аст.


Телефон барои тамос: +992 000 400071
мол дорои сертификат аст!

# АЗ ТАЪРИХИ 9-УМИ МАЙ



Аз соли 1995 то 2008 техникаи вазнини низомӣ дар паради 9 май ширкат намекард.

x x x

Шартномаи сулҳномаи Германия ва СССР ба таври расмӣ танҳо баъд аз даҳ сол, дар соли 1955 имзо карда шуд.

x x x

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Ғалаба дар таърихи 9 май, танҳо пас аз чанд даҳсола, пас аз анҷоми ҷанг оғоз шуд.

x x x

Ҳоло 9 май рӯзи истироҳат аст, аммо ин рӯз аз соли 1948 то соли 1965 рӯзи корӣ буд.

x x x

Артиши Сурх Берлинро як ҳафта пеш аз 9 май забт кард, аммо муқовимати неруҳои немис то рӯзи 9-ум, вақте ки Олмон расман таслим шуданро имзо кард, боқӣ монд.

# НАЗАРИ ШУМО ДАР БОРАИ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ

**Бояд қайд намуд, ки Кумитаи андоз доир ба фикру андеша ва пешниҳодҳои истифодабарандагони сомона ҷиҳати хубтар намудани хизматрасонӣ дар сомонаи Кумитаи андоз равзанаи махсуси худро пешниҳод намудааст.**

Бо истифода аз ин равзана, шаҳрвандон метавонанд фикру ақида ва пешниҳоди худро нисбати сомона дар шакли электронӣ ирсол намоянд. Барои анҷом додани ин амал, истифодабарандаро зарур аст, ки ба сомонаи Кумитаи андоз бо нишонии www.andoz.tj ворид гардида, ишораи “Фикру ақидаи шумо дар бораи сомона” -ро интихоб намояд. Пас аз ворид шудан ба равзана, истифодабарандаро зарур аст, ки ному насаб, рақами телефон, почтаи электронӣ ва суроғаи худро ворид намуда, баъдан, дар қисмати матни пешниҳод ва ё савол андешаи худро ворид кунад.

Дар охир, рамзи дар тасвирбудаи дар хоначаи холӣ дарҷ намояд ва тугмаи ирсолро пахш кунад. Тавре ба назар мерасад, Кумитаи андоз давра ба давра шумораи хизматрасониҳои электронии худро зиёд намуда истодааст, ки ин ба ҳар ду ҷониб (ҳам ба корманди соҳаи андоз ва ҳам ба андозсупоранда) имконият медиҳад вақти худро сарфа кунед ва уҳдадориҳо ва ё суолу пешниҳодҳои худро сари вақт дар шакли электронӣ пешниҳод намоянд. Аз ин рӯ, ба шаҳрвандону андозсупорандагон тавсия дода мешавад, ки ҷиҳати содаву мусоид намудани кори худ, ба сомонаи Кумитаи андоз ворид шуда, аз хизматрасониҳои электронии он ба таври васеъ истифода намоянд.



## АНДОЗ БАРОИ ЧИНИҲО

Дар Канада то соли 1923 андоз барои чиниҳо амал менамуд, зеро чиниҳо аз меъёри муқарраршуда бештар вориди Канада мешуданд. Пас аз барҳам додани андози мазкур ҳукумати Канада қонун дар бораи чиниҳо қабул намуда, ба сарзамини мазкур ворид шудани чиниҳоро мамнуъ эълон кард.

## АНДОЗ АЗ НИГОҲИ БУЗУРГОН



Аз нигоҳи аввал, ба андоз дил баста намешавад, аз ҳамин хотир лозим меояд, ки чанд маротиба атрофи онро чарх бизанӣ.

***Михаил Мамчич***

Бовар кардан ба ҳаёт андози вазнинест барои инсонҳое, ки то марг зиста наметавонанд ва пеш аз расидани марг мемиранд.

***Василий Ключевский***

Андозситон ва ҳамзамон шахси меҳрубон будан нашояд, зеро дар як замон дӯст доштану хирадмандона рафтор кардан имконнопазир аст.

***Уинстон Черчил***

# ОЁ МЕДОНЕД?

Дар зери таъсири ҳарорати баланд ё паст моддаҳои гуногун метавонанд хурд шаванд ё баръакс васеъ шаванд.



Шабпаракҳо мисли филҳо бо хартумчаҳояшон ғизо мегиранд. Дар ҷаҳон тақрибан 165 ҳазор намуди шабпаракҳо мавҷуданд, ки аксари онҳо тарзи ҳаёти шабона доранд.

x x x

Офарандаи аввалин ҳавопаймо дар ҷаҳон Александр Фёдорович Можайский мебошад. Вай аввалин ҳавопайморо бист сол пеш аз амрикоиҳо- бародарон Райтҳо сохта ва озмоиш кард, ки ин ихтироъ то ба наздикӣ комилан ба онҳо тааллуқ дошт. Александр Фёдорович Можайский 9 марти соли 1825 таваллуд шудааст.

x x x

Ҳарорати раъду барқ тақрибан 5 маротиба аз сатҳи Офтоб бештар аст.

x x x

Дар кайҳон одам гиря карда наметавонад, чунки дар он ҷо қувваи ҷозиба вуҷуд надорад ва ашк ҷорӣ намешавад.

x x x

76 фоизи миллиардерҳо дорои маълумоти олӣ мебошанд.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

■ Сарвати ноҳақ ҷамъ кардан мисли барфест, ки болояш оби гарм гузошта шудааст.

■ Хато, ки кардӣ, аз ислоҳаш сар мапеч.

■ Шаҳди пушаймониро чашидан нахоҳӣ, пас фурсати дар дастдоштаатро мукаммал истифода бикун.

■ Танҳо дар имтиҳоноти сангини зиндагӣ инсон моҳияти ҳастии хешро дарк менамояд.

■ Ба як нафар ноҳақӣ кардан ба тамоми ҷамъият таҳдид кардан аст.

■ Рафиқи бад ба ҷисм не, ба рӯҳ зарар мерасонад.

■ Шахсе, ки дӯсташро аз худ боло намедонад, садоқат надорад.

■ Самимият забон надорад, аз чашм фаҳмида мешавад.

Ин саҳифа аз маводи Интернет омода шудааст.

**Боҷу хироҷ**

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

**ДАВЛАТЗОДА Н. М.** - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С.** - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; **СОЛЕҲЗОДА А. М.** - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **МЕЛИКЗОДА К.Н.** - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ЮСУФӢ П. С.** - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **НУРЗОДА Ҷ.** - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҲОТАМЗОДА Ҳ.** - сардори Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо; **ВОҲИДОВ А.** - муовини сармуҳаррир - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; **НИГМАТОВ М.** - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Рӯзнома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-55-31 (мухбирон), 233-08-40 (қабулгоҳ), 44-600-41-76 (бахши обуна)

**Навбатдор:** Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

***Суроға:*** *ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Нозироти андоз дар н.Фирдавсӣ*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 115158**